Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk Austria International амалӣ мегардад

Мавод барои марказҳои захиравии корхонаҳои таълимӣ- истеҳсолӣ дар доираи лоиҳаи **«Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар Тоҷикистон»** мураттаб гардидааст.



# *«Таҳлили татбиқшавии барнома оид ба коркарди хуч»*

**Муҳаққиқ: Бахтиёр Абдувохидов**

**Ассотсиатсияи Зиёиёни-Илмӣ Техникии Тоҷикистон**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин-85а.
тел: (992 3422) 62432. Почтаи электронӣ: asti@sugdinter.com

Роҳнамои мазкур бо дастгирии молиявии созмони **Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи «Центральная Азия - Инвест»** таҳия ва нашр гардидааст. Афкори нашрияи мазкур ифодагари ҳатмии сиёсат ва мавқеи созмони Иттиҳоди Аврупо намебошад.

**Сентябри 2009**

Thank you for using PDF Suite

Мундаричa Саҳ.

| | | |
|---|---|---|
| | Муқаддима | 3 |
| 1. | Мақсад, усул ва минтақаи таҳқиқот. | 3 |
| 2. | Тавсифоти хуч. | 4 |
| 2.1 | Маҳалли ҷойгиршавӣ. | 4 |
| 2.2 | Таърихи хуч. | 4 |
| 2.3 | Биология. | 5 |
| 2.4 | Хусусиятҳои ғизоӣ ва табобатӣ. | 6 |
| 2.5 | Истифодабарӣ. | 7 |
| 3. | Таҳқиқот оид ба маркетинг. | 10 |
| 4. | Таҳқиқот оид ба ташкил ва менеҷмент. | 11 |
| 5. | Асосноккунии техникӣ. | 16 |
| 6. | Таҳқиқот оид ба молия. | 17 |
| 7. | Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ. | 19 |
| | Хулоса оид ба асосноккунии техникӣ- иқтисодӣ. | 20 |
| | ЗАМИМА. | 30 |
| | Замимаи 1. ГОСТ 1994-1993 меваи хуч. | 31 |
| | Замимаи 2. ГОСТ СТ - ҶТ 918-2004. Нӯшобаи хуч. | 32 |

Ихтисораҳо:

БХМ – бизнеси хурду миёна
ФР – Федератсияи Россия

Қурби 1 доллари ИМА дар замони таҳқиқот 4,4 сомониро ташкил менамояд.

Thank you for trying PDF Suite

**Муқаддима**

Hilfswerk Austria International дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ лоиҳаи «Дастгирии муассисаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулоти меваву сабзавотро дар Тоҷикистон», ки аз тарафи созмони  Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад,  анҷом медиҳад.

Мақсади лоиҳа иборат аст, аз мусоидат дар тавсеа додани ҳамкориҳои субъектҳои гуногуни соҳибкории кишоварзӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон бо роҳи ибрози пешниҳодҳои нав дар соҳаи бизнес, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ҷиҳати дастгирии муассисаҳои хурду миёна равонашуда ва фаъол гардонидани соҳаи бастабандӣ ва коркарди маҳсулоти хӯролкворӣ мебошад.

Дар ҳудуди лоиҳаи мазкур моҳи июни соли 2009 Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ - техникӣ ташаббускори татбиққунии таҳлили амалӣ намудани лоиҳаи коркарди хуч гардид.

Таҳқиқоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз сарчашмаҳои аввалӣ ва дуюмӣ анҷом дода шудааст. Мо дар Вазорати кишоварзии ҶТ, Кумитаи  давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи хоҷагии ҷангали  Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти ботаникаи Академияи илмҳои ҶТ вохӯрию сӯҳбатҳо гузаронида, ҳамчунин бо иштироки фермерон ва намояндагони агробизнес аз вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа фокус - гурӯҳҳо ва интервюҳо гузаронида шуданд. Ҳамчунин мо бо содиркунандагони маҳсулоти хуч интервю гузаронидем.

Мувофиқи вазифагузории техникӣ, объекти тахқиқоти мазкур иборат буд, пеш аз ҳама, аз техника ва технологияи истеҳсолот, бозорҳои фурӯши маҳсулот. Ҳамчунин маълумоти зарурӣ аз тариқи интервю ва мушоҳидаҳо, интервюҳои сифатӣ ба даст оварда шуданд.

Таҳқиқоту баррасии мазкур барои ҳамаи соҳибкорон, намояндагони ассотсиатсияҳои тахассусӣ, фермерони соҳибкор, коркардкунандагон ва ассотсиатсияҳои маркетингӣ - бозоршиносӣ, ки масъалаҳои рушду инкишоф додани истеҳсолот ва маблағгузориро пайгирӣ мекунанд, муфиду манфиатнок буда, инчунин фаҳмиши васеъи соҳибкории коркарди маҳсулоти хучро таъмин менамояд. Кори мазкур масъалаи банақшагирии соҳибкориро содда карда барои қабули қарорҳои дурусти бизнес - тиҷоратӣ кӯмаку мусоидат менамояд.

Ҳисоботи мазкур иборат аз 7 қисмат иборат мебошад. Дар қисми якуми ҳисобот мақсад, усул ва ҷуғрофии таҳқиқот муқаррар гардидаанд. Дар қисми дуюм тавсифоти муфассали маҳсулоти хуч, истифодабарӣ ва сифатҳои муфиди он шарҳу эзоҳ  дода шудааст. Дар қисми сеюми кор тахлили асосноккунии лоиҳа оғоз мегардад, ки аз муқаррар кардани имкониятҳои маркетинги маҳсулот, анвои маҳсулот нархсозӣ, таҳлили истеъмолгарон шурӯъ мешавад. Дар қисми чоруми таҳқикот оид ба раванди ташкил ва менеҷмент- таҳлили анвои гуногуни ширкатҳо аз нигоҳи ташкили соҳибкорӣ анҷом дода шуда, сохтори намунавии

Thank you for trying PDF Suite

ташкилии ширкат, кодекси намунавии рафтори кормандон дар ширкат, методҳои ҳавасмандкунии кормандон оварда шудааст. Дар қисми панҷум асоснoккунии техникии лоиҳа ба таври муфассал оварда мешавад, ки он таҷҳизот, ҷойгиршавии бизнес ва технологияи маҳсулотро шарҳ медиҳад. Таҳлили молиявӣ дар қисми шашуми кори мазкур дода шудааст. Дар охири кор тахлили хавфҳои қонунгузорӣ ва амалиётии ширкат ҷой дода шудааст. Ҳисоботи мазкур бо овардани хулосаҳо оид ба имкониятҳои татбиқи лоиҳа оид ба коркарди маҳсулоти хуч ба охир мерасад.

## 1. Мақсад, усул ва ҷуғрофияи тадқиқот

**Мақсади тадқиқот** иборат аз пайдо кардани имкониятҳои татбиқи лоиҳа оид ба коркарди хуч дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони Бизнеси хурду миёна аз тариқи асоснoккунии иқтисодии лоиҳа ба шумор меравад.

**Усули тадқиқот.** Барои татбиқи тадқиқот сарчашмаҳои аввалия ва дуюмдараҷа, маводи нашрияҳо истифода карда шудааст. Усулҳои сифатии ҷамъоварии мавод истифода гардида, ҳамчунин дар рафти он усулҳои сифатӣ ва дастгоҳҳо, аз ҷумла интервю, фокус - гурӯҳҳо, сафару мушоҳидаҳо, омӯзиши маълумот ва мавод аз маҳалҳо истифода гардидааст.

Дар кори мазкур сухан аз ҷониби як нафар корманди ширкати таҳайюлие истифода бурда мешавад, ки метавонад бо ҳудуди кормандони аз 10 то 50 нафар буда, имкон дорад бо сармоягузории то 100,000 доллари ИМА ташкил карда шавад.

**Ҷуғрофияи таҳқиқот.** Тамоми таҳқиқот дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

## 2. Тавсифоти хуч.

### *2.1. Таърихи хуч.*

Номи мардумии растании хуч – садбарги худрӯй мебошад. Онро аз замонҳои қадим мардум ҳамчун растании табобатӣ шинохта дар Юнони қадим дар асри IV то мелод дар китоби «Таърихи табиӣ»-и худ Теофраст дар бораи он якчанд ташреҳи мукаммали онро зикр намудааст, ки асрҳо боз бидуни кадом тағйир аз китоб ба китоб мегузашт. Дар китоби растаниҳои шифобахши Людвиг Гребер рецепти соли 1563 оварда шудааст, ки оид ба истифодабарии хуч ба сифати хокаи дандон барои мустаҳкам кардани милки дандон пешниҳод гардидааст. Дар Россия меваҳои хуч (ва ё тавре ӯро пештар ном мегирифтанд, «своροборник»-ро)



Thank you for trying PDF Suite

инчунин аз қадим ҷиҳати табобат ва пешгирии хунравии милки дандон ва рӯйгиркунандаи ҷароҳат истифода мекардаанд. Дар асрҳои XVI—XVII барои тайёр кардани меваи хуч ҳатто гурӯҳҳои махсус ташкил карда ба даштҳои Оренбург фиристода мешудаанд. Ҳангоми ҷанги туркону русон дар беморхонаи якуми ҳарбӣ дар шаҳри Москва ба маҷрӯҳон ҷиҳати қувват гирифтану табобат “патокаи своробоpинӣ” медодаанд. Ин анъанаро ба ёд оварда табибони ҳарбии шифохонаҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо истифода аз чойҳои меваи хуч ҷароҳати маҷрӯҳонро табобат мекардаанд.

Хусусиятҳои табобатии хуч аз қадим боз маълуму машҳур мебошанд. Дар ин бобат дар маълумотномаҳои ретсептҳои табобатии мардумони асрҳои XVII хабар медиҳанд. Аммо истифодаи меваҳои хуч бо мақсадҳои табобатӣ хеле маҳдуд буд. Коркарди хуч барои ғилзатҳои витамини С аз замоне оғоз гардид, ки дар Итттиҳоди Шӯравӣ дар Институти иттифоқии растанипарварӣ фаъолияти барҷастаи зидди синга доштани хучро муайян ва муқаррар намуданд.

Хучи хушк — давои қадимаест, ки хусусияти табобатии он дар Самарқанду Бухоро ҳанӯз дар асри XV маълум будааст. Ҳамон вақтҳо меваҳои хушки хуч хеле баланд нарх доштаю бо иҷозати махсус барои табобат танҳо ба шахсони мӯътабар дода мешудаанд.

Хучро дар забони тоҷикӣ бо унвонҳои ГУЛИ ХОР ва ё ХОРГУЛ низ ном мебаранд.

### *2.2. Тавсифоти ботаникӣ*

Навъ: *Rosa canina L.* (хучи сагак).
шоха: *Rosa* (садбарг).
оила: *Rosaceae* (садбаргӣ).
тартиб: *Rosales*.
зерсинф: *Rosidae* (розидҳо).
синф: *Magnoliopsida* (дупаллаӣ).
бахш: *Magnoliophyta* (пӯшидатухмҳо).
шоҳигарӣ: *Plantae* (растаниҳо).

Меваи Хуч - растании парварида ва ё худрӯи дорои гулҳои содда ва ё бахмалӣ мебошад. Буттаи хазандаест, ки одатан дорои танаи хордор аст. Хуч ба оилаи садбарггулҳо дохил шуда буттаи бисёрсолае мебошад, ки дар баландии аз 0,5 то 7 метрро ташкил менамояд. Баргҳои паршакли дарозиашон то 2-5 см, лабҳояшон дандонадор ва ба поён хам дорад. Дар сипарчаҳо то 3—5 дона гул, камтаринаш як дона гул дорад. Гулпояҳои дарозиашон 0,5—2,5 см, аксаран аз ҷиҳати андоза баробари дарозии меваи расида, камтараш - кӯтоҳ ва ё дарозтари он, луч ва ё каме пашмакдор мебошанд. Гулбаргҳо одатан гулобии беранг, сафед ва ё гулобии баланд мебошанд. Мудаввариаш дар диаметр 4 — 5 мм, пачақ ва ё конусшакл, даҳонаи диаметраш то 1 —1,6 мм дорад. Косагулҳои



Thank you for trying PDF Suite

лансетшакли васеъ, калон, дарозиашон то 25 мм дошта, барвақт мерезанд ва баъди гул кардан ба сӯи поён сархам ва ба мева часпида мебошанд; аз боло одатан луч, аз поён дорои мӯякҳои кӯтоҳ, иловачаҳои паршакли зиёд доранд. Поячаҳояшон дароз, каммӯяк ва ё луч, мисли мӯйқалам ҷамъ шудаанд. Ришакҳои сараки гул мудаввар ва ё конусшакл мебошад. Меваи он асосан дар моҳҳои май—июл гул мекунад. Ҳашарот онро бордор карда меваҳояшонро мурғон ва дигар ҳайвонот дар бештар маврид паҳн менамоянд.
Системаи решаи мева - низоми решаи асосӣ дошта, шакли меҳварӣ буда, решаи он сохти дуюмдараҷаро доро мебошад.
Шохаву навдаҳои ҷавонаш хори фаровоне дошта баргҳояшон мураккаб, шакли эллипсмонанд ва ё тухмшакланд (дар лабҳояшон дандоначаҳои аррамонанд дорад).

**Растании хуч асосан аз давраи 3-солагиаш мева мебандад. Дар баҳор ва ё аввали тобистон гул мекунад.** Меваҳои хуч – буттамеваҳои козиб – шакли мудаввар, шишамонанд ва ё нокшакл доштаю сохти суфта, сурхи баланд ва ё равшану ҷигарӣ будаю асосан беҷилоанд. Онҳо миқдори зиёди тухмӣ доранд. Гулҳои меваҳои пухтарасидаи онҳо – зарди сурхтоб ва ё сурхи ҷигарӣ мебошанд. Девораҳои дохилии гулбун дорои мӯякҳои зиёди сахт мебошанд. Дар байни онҳо мевачаҳои зиёди сахти сангакӣ ҷойгир шудаанд- ба мисли чормағзакҳо. Меваҳои он дар моҳҳои август—октябр пухта мерасанд. Вазни ҳар як меваи он аз 1,7 то 3,22 г, гӯшташон - то 71 %, тухмиву мӯякҳояшон—29%-ро ташкил мекунанд. Миқдори миёнаи тухмиҳо дар як мева ба 16 – то мерасад. Гӯшти меваи хуч аз дарун бо мӯякҳо пӯшонида шудааст.

### *2.3. Ҷугрофиёи паҳншавии он.*

Дар илм то 400 навъи меваи хуч, ки дар минтақаҳои мӯътадил ва субтропикии нимкурраи шимолӣ, бештар вилоёти шимолӣ ва Миёназамини қадим (аз баҳри Миёназамин то минтақаи Ҳимолой) ба мушоҳида мерасанд. Навъҳои алоҳидаи он то ҳудудии Қутби Шимол, дар ҷануб то Ҳабашистон (Эфиопия) ва Арабистон, Ҳиндустони шимолӣ, ҷазираҳои Филиппин паҳну парешон шудаанд. Анвои алоҳидаи он то Қутби шимолӣ густариш ёфта, дар ҷануб он то минтақаи Амрикои Шимолӣ ва кишвари Мексика паҳн шудаанд. Дар Осиёи Миёна меваи хучро асосан дар ноҳияҳои кӯҳистони Помиру Олой, Тян-Шан ва Копетдоғ дида метавонем. **Дар кишвари Тоҷикистон 18 намуди меваи хуч мавҷуд аст.**

Хучи худруй дар қисмати дарахтзорони сиёҳзамин паҳну парешон шуда, дар ҷангалзорҳои чормағздор, дар байни дарахтони сафедорон, ҷигдазорҳо, баъзан дар фаркзорҳо, дар соҳили дарёҳо, назди чашмаҳо ҳамроҳи анвои маҷнунбедҳою анбӯҳи дарахтонро ба вуҷуд оварда дар баландиҳои 1000—2200 м ба чашм мерасад.



Thank you for trying PDF Suite

Хучи худруй дар пастхамиҳои ҷариҳо, теппаҳои назди кӯҳҳо рӯида анбӯҳи дарахтонро ба вуҷуд меоварад. Меваҳои он дар моҳҳои август-сентябр мепазанд. Меваҳои он бештар аз витамини С, ки ин навъи он дар қисмати шимолӣ ва аврупоии Россия ва Шарқи Дур мерӯяд, хеле ғанӣ мебошад. Меваҳои хучи Тоҷикистон (хучи сагак), миқдори камтари витамини С (0,1-0,2% дарсади вазни хушк) дорад. Хучи сагакро ҳоло фермерон дар тамоми ҳудуди ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш менамоянд, аммо миқдори зиёди он дар вилояти Суғд (хусусан дар ноҳияҳои Ашту Исфара) парвариш карда мешавад. Растании хучро дар гирду атрофи замини киштзору боғот низ мешинонанд.

**Дар ҷумҳурии Тоҷикистон растании хуч** ба шакли худрӯй низ вомехӯрад:

Дар шимоли вилояти Суғд:

- Дар нишебиҳои санглохдор ва ғортеппаҳои назди минтақаи Муғултау ва Консой, инчунин қад-қади наҳри Хоҷа Боқирхон ва ҳам дар Сомғор.

Кӯҳистони Зарафшон:

- Қаторкӯҳҳои Туркистон, сойи Вешист.

Кӯҳсори манотиқи Ҳисору Дарвоз:

- Болотари қишлоқи Қирғизон; дараи Такоб; дараи Оби-Оджук; ҳавзаи дарёи Қаратоғ; атрофи қишлоқи Пуштаи Миёна; атрофи қишлоқи Суора; байни Хакими ва Лабиҷӯй; наздики қишлоқи Савургон; мавзеи Селбурсой; болотар аз қишлоқи Харангони Боло; Оби Фанфароқ; дараи Кондара; мавзеи Квак; водии дарёи Варзоб; дараи Такоб; поёни қишлоқи Вармоник; дараи Хоҷа Оби Гарм; ҳавзаи дарёи Лучоб.
- Атрофи дараи Ромит; байни деҳаҳои Ромиту Коху, қуллаҳои ғарбии қаторкӯҳҳои Петри 1, дуроҳаи Ғарм—Хорӯғ; қаторкӯҳи Сиёҳхок; байни қишлоқи Чорсада ва маркази Комсомолобод.
- қаторкӯҳи Петри 1, поёни қишлоқи Пастбон; атрофи қишлоқи Дашти Гирк; ҳавзаи дарёҳои Ёхсу ва Оби Сурх; болотари Сари Хосор; болои қишлоқи Булгари; атрофи қишлоқи Сари Пулӣ; байни Сари Пул ва Сиоҳфарғом; атрофи қишлоқи Когондара-Поён; қаторкӯҳи Зигарф.
- байни минтақаи Сағирдашт ва Қалъайи Хумб; қаторкӯҳҳои Дарвоз, дараи дарёи Оби Харак; болои қишлоқи Киврон.
- қаторкӯҳи Терай; наздики қишлоқи Кундозард; ҷониби шимолу шарқи қишлоқи Боғ; ҷониби ҷануби Сариққӯҳ; ҷониби ҷанубу ғарбии қишлоқи Порвар.

Тоҷикистони Ҷанубӣ:

- наздики қишлоқи Хонакоҳ; қаторкӯҳи Гардани Уштур; дар атрофи қишлоқи Даҳанакиик; кӯҳҳои Хоҷаи Долон; қаторкӯҳи Рангонкӯҳ (Бадритдинов).
- қаторкӯҳи Кара-Тау; қаторкӯҳи Кичик-Терай; рӯдхонаҳои дарёи Оби Сурх ва Ёхсу, атрофи қишлоқи Шарак; атрофи қишлоқи

Thank you for trying PDF Suite

Саргарон; Ховалинг; кӯҳҳои Зоркуҳ; ҷониби шимолу ғарби қишлоқи Оби Ғари; қаторкӯҳи Сурххок; қишлоқи Хоҷакӯх, Мӯъминобод.

Помири шарқӣ: минтақаи  Шуғнон.

### *2.4. Парвариши хуч.*

Дар ҷумҳурии Тоҷикистон хучро ҳамчун растанӣ дар маҳалҳои ноҳияҳои Ашт ва Исфараи вилояти Суғд парвариш менамоянд. Парвариши хуч барои фермерон фаъолияти хуби баҳрабардор ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ободонии ҳудуди киштзорҳои хуч ҳал кардани чунин масъалаҳо маслиҳат дода мешавад:

- интихоб ва шинонидани анвои гуногуни хучи ҳосилнокиаш гуногун, мӯҳлатҳои пухта расидани он ва технологияи парвариш;
- ҷойгиршавии кварталҳо ва ҳуҷайраҳои хуч;
- ҷойгиршавии растаниҳои ҷангалии муҳофиз;
- ҷойгиршавии нуқтаҳои қабули ашёи хом, нигоҳдории заҳрхимикатҳо ва сомон-олот;
- ҷойгиршавии хушккунакҳо барои коркарди якуми ашёи хоми хуч,
- ҷойгиршавии парваришгоҳҳои ниҳолчаҳои хуч.

Бо мақсади ташкили ақлонии меҳнат, ҷойгиршавии илмӣ-асоснокшудаи киштзорҳои хуч, татбиқи чорабиниҳои агротехникӣ дар мӯҳлатҳои талабшаванда, дар рисолаҳои илмӣ пешниҳод гардидааст, ки дар рафти заминсозии заминҳои хуч банақшагирии кварталҳои дорои масоҳати мувофиқашон 20 га тавсия дода мешавад. Дар айни замон андозаҳои мувофиқи ҳуҷайраҳо ба чунин тарзу намуд пешниҳод шудаанд: дарозиаш 200 - 400 м, бараш 150 - 200 м, масоҳаташ - 5 га. Чунин тадбиру чорабиниҳо сарфаи вақти кориро таъмин карда, самаранокии кори техникаи кишоварзӣ ба андозаи  20%  афзоиш медиҳанд.

Ҷадвали № 1 Хароҷоти иловагӣ барои коркарди растаниҳои шифобахш вобаста ба масофа то маркази хоҷагӣ,  аз рӯи %:

| растанӣ | Масофа,км | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 3 | 5 | 8 | 10 | 15 | 20 |
| Хуч | 0,92 | 1,0 | 1,07 | 1,18 | 1,26 | 1,45 | 1,60 |

Thank you for trying PDF Suite

Ҷадвали 2. Хароҷоти иловагӣ барои коркарди растаниҳои шифобахш, аз рӯи %:

| растанӣ | Масоҳати қитъа, га | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | то 2 | 2-4 | 4-10 | 10-20 | 20-40 | бештар аз 40 |
| Хуч | 1,07 | 1,04 | 1,02 | 1,01 | 1,003 | 1,00 |

### *2.5. Истеъмоли хуч.*

**Таркиби химиявӣ ва витаминдории меваи хуч.**

Меваи хуч аз витаминҳои гуногун хеле бой мебошад. Ғилзати миёнаи туршии аскорбинӣ дар меваҳои хушки хуч, ки ба корхонаҳои витаминӣ ворид карда мешаванд, 1200—1500 мг %-ро ташкил менамоянд, аввалан меваи онро асосан аз рӯи дар онҳо мавҷуд будани туршии аскорбинӣ қадр мекарданд. Аммо таҳқиқоти минбаъда нишон дод, ки дар меваи хуч дигар витаминҳо низ хеле фаровон мавҷуд будааст. Ҳамин тавр, таркиби каротиноидҳои меваҳои хуч то имрӯз хеле хуб омӯхта шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши меваҳои хуч таркиби моддаҳои флавоноиди (витаминҳои гурӯҳи Р) чунин муқаррар гардидаанд: кверсетин, кемпферол, изокверситрин. Аз моддаҳои антосианӣ бошад, сианидин пайдо карда шудааст. Ҳамчунин меваи хуч аз витаминҳои $B_2$, K, P, E, равғанҳои чарбӣ, қанд, моддаҳои пектинӣ, туршиҳои органикӣ хеле ғанӣ мебошад.

Ғилзати туршии аскорбинӣ дар меваи хуч ҷумҳурии Тоҷикистон—аз 0,69 то 1,28% , дар Озарбайҷони шимолӣ—аз 1,056% то 1,352% нисбати вазни комилан хушки меваҳои онро ташкил медиҳад. Аз рӯи сарчашмаҳои дигар мавҷудияти туршӣ дар меваи хучи сагак аз 0,1 то 2% нисбати вазни комилан хушки гӯшти мева ба мушоҳида мерасад. Дар ноҳияҳои баландкӯҳи минтақаҳо ғилзати туршӣ дар меваи хуч ҳамеша нисбат ба пастхамиҳо болотар мебошад.

Ғилзати каротин дар меваи хучи сагак дар Тоҷикистон—аз 0,01 то 0,07% - ро нисбат ба бозҳисобкунӣ ба вазни хушки мева ташкил менамояд.

Ғилзати равғанҳои эфирӣ дар гулҳои хучи сагак 0,07%-ро ташкил мекунад. Дар тухмии он равғани зиёд пайдо карда шудааст.

Аз мева ва дигар қисмҳои хучи сагак изокверситрин, 3-глюкозид кемпферол ва кверсетин пайдо карда шудааст. Моддаҳои рангкунандаи меваҳои он шомили каротин, ликопин, ксантофилл мебошанд. Ғилзати моддаҳои пектинӣ дар меваҳои худрӯи растании хуч бо % нисбати моддаҳои хом чунин ҳисоб карда шудааст: гидропектин - 2,081, протопектин 1,390.

Дар гӯшти хушки меваҳои хучи дорчинигӣ (бо %) муайян гардидааст, ки: қанди умумӣ 23,93; қанди инвертӣ 18,56; бофтахои хом 12,52; моддаҳои пектинӣ 14,1; хокистари хом 6,4, туршии умумӣ 2,84% - ро ташкил мекунад. Дар хокистари он ғилзати олии намакҳои калий,



Thank you for trying PDF Suite

магний ва фосфор мавҷуд аст.

Идентификатсия моддаҳои фаъоли биологӣ нишон медиҳад, ки ба ғайр аз туршии аскорбинӣ, дар меваҳои хуч моддаҳои флавонӣ, катехинӣ, антоцианӣ ва (витамини Р), каротиноидҳо ва токоферолҳо мавҷуд мебошанд.

Имрӯзҳо дар илм нақшаҳои гуногуни тайёр кардани меваи хуч барои равандҳои диффузионӣ таҳия шудааст ва дар онҳо нишон дода шудааст, ки бо ин мақсад истифодаи меваи хуч бидуни ҷудо кардани тухмии он беҳтар баназар мерасад, зеро ҳангоми ҷудокунии тухмӣ аз гӯшти он талафоти витамини С 7,3%-ро дида мешавад.

**Арзиши иқтисодии хуч:** он беҳтарин маводи пайвандӣ барои садбарги боғӣ мебошад. Дар ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба сифати пайванди асосӣ истифода менамоянд. Агар ҳоло дар ҷумҳурӣ садбаргзорҳо танҳо дар заминҳои обӣ ташкил карда шаванд, бо истифодаи ин навъи пайванд садбаргзорҳоро дар назди истироҳатгоҳҳо-дар доманаи куҳҳо ташкил кардан мумкин аст. Он ҳамчун моддаи сафророн ва такондиҳандаи мубодилаи моддаҳо хеле манфиатнок мебошад. Хучи хушк дорои қанд (наздики 18%), моддаҳои пектинӣ (3,7%), моддаҳои тонин (то 4,5%), туршии лимӯ (наздики 2%), туршии себ ва дигар туршиҳои органикӣ, витамини С (ба ҳисоби миёна 2—3% ва ё 2000—3000 мг%), каротин (12— 70 мг%), витамини Вг (наздики 0,03 мг%), К (то 40 воҳиди биологӣ), Р (ситрин), глюкозидҳои флаванолии кемпферол ва кверсетин, пигментҳои ликопин ва рубиксантин мебошад.

**Истифодаи хуч дар тибб**. Аз меваи хучи моҳи май усора, қиём, ҳаббҳо-таблетка, драже ва дигар доруворӣ тиббӣ - табобатӣ истехсол мекунанд. Меваи хуч инчунин ба таркиби зиддиастматикии микстураи Трасков, таркибҳои витаминӣ ва поливитаминӣ дохил мешавад; бештар аз ҳама онро дар шакли маҳлули обдор дар табобати тибби хонагӣ истифода мебаранд. Ба ғайр аз он, аз меваҳои он равғани хуч ва каротолин (ки дорои каротиноидҳо, витамини Е ва туршии линолийӣ мебошад) истеҳсол менамоянд. Баъзан меваи хучро барои гирифтани холосас, галаскорбин ва туршии аскорбин ба кор мебаранд. “Холосас” — қиёмест, ки дар усораи обии ғафси меваи хуч ва шакар тайёр карда шудааст. Ҳангоми холеститсит, гепатит онро асосан истифода мебаранд. “Каротолин” — усораи равғанӣ аз бофтаҳои нарми меваи хуч мебошад. Маводи доруворӣ аз меваи хуч асосан ҳамчун воситаҳои поливитаминӣ ҳангоми гипо- ва авитаминозҳо, хусусан ҳангоми авитаминози С, инчунин дар бемориҳои дигари вобаста бо талаботи зиёди организм дар мубориза бо ҳолатҳои алоҳида ва умумии инфексионӣ ва интоксикатсионӣ, камхунӣ, пастшавии туршии шираи меъда, атеросклероз, беқувватии бадан истифода бурда мешавад. Хучро барои зиёд кардани витамини ғизо ва маҳсулоти ғизоии кӯдакона дар муассисаҳои кӯдакона, беморхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки умумӣ истифода мебаранд.

Thank you for trying PDF Suite

Хуч растании поливитаминӣ буда, меваи он аз рӯи мазмуни сифатӣ ва гуногунии витаминҳояш хеле аз дигар маҳсулотҳо бартарии зиёд дорад. Маҳлули обдори хучи хушк муқовимати баданро нисбати бемориҳои инфексионӣ зиёд карда, инкишофи артериосклероз, гемофилияро пешгирӣ менамояд, дар хунрезиҳои раҳмӣ, бемориҳои гуногуни инфекционӣ, маҷрӯҳӣ, сӯхтагӣ ва сармозадагиҳо ба таври фаровон мавриди истифода қарор дода мешавад. Маҳлули обии хуч дорои хусусияти қувватбахшӣ, бардамсозӣ буда, ҳамчунин ҷудошавии сафроро зиёд мекунад, вазифаҳои ғадудҳои ҷинсиро таҳрик бахшида, нуфузпазирӣ ва шиканандагии мӯбаргҳои хунро коҳиш медиҳад. Маҳлули обии меваи он инчунин равандҳои тақвиятфизоянда ва эҳёкунандаи бофтаҳои нарм ва устухон буда, захмҳо, сӯхтагиҳо ва сармозадагиҳоро шифо мебахшад. Гӯшти меваи он дорои таъсири сабуки зиддибавосир ба шумор меравад.

Дар меваи хуч қариб 10 баробар зиёд туршии аскорбинӣ нисбат ба буттамеваи қоти сиёҳ ва 50 маротиба аз лимӯ зиёдтар мавҷуд аст. Меваи хуч дорои хусусиятҳои фитонситӣ ва бактерисидии қавӣ мебошад. Он дорои миқдори зиёди антиоксидантҳо мебошад.

Ҳамин тавр, **меваи хучро ба таври зайл истифода менамоянд:**

1. Дар шакли тару тоза дар чой ва ё дигар нӯшобаҳо ва ё шарбатҳо.
2. Меваи хушки хучи сагакро барои истеҳсоли препарати «Холосас» (қиёми обии ғафс). «Холосас»-ро ҳамчун моддаи сафророн дар бемориҳои ҷигар – холесистит ва гепатит истифода менамоянд.
3. Ба шакли маҳлули обдор, усора, қиём истифода мебаранд; хуч ба таркибҳои витаминӣ ва поливитаминӣ ва микстураи Трасков дохил мешавад; он барои истеҳсоли витамини С истифода мегардад.
4. Ҳамчун воситаи поливитаминӣ ҳангоми гипо- ва авитаминозхо ва бемориҳои вобаста бо талаботи бадан ба витамин истифода мегардад. Аз меваи он, ба ғайр аз ин равғани хуч, ки аз витамини Е ва каротиноидҳо ғанӣ мебошад ва каротолин, ки ҳамчун воситаи шифобахши захмҳои бадан истифода мешавад, истеҳсол менамоянд.
5. Обмаҳлули он, қиём ва чои хучӣ ба бадан таъсири хуб дошта, устувории онро ба таъсири зараровари муҳити атроф қувват мебахшад.
6. Хучи сагак барои растаниҳои боғӣ пайванди хуб буда, дар ташаккул додани девораҳо аз растанихо хеле хуб истифода мегардад.
7. Аз меваи хуч равған низ мекашанд.
8. Аз меваи он хокаҳо тайёр мекунанд.
9. Дар саноати қаннодӣ меваи онро барои истеҳсоли ранги зебои норинҷӣ истифода мекунанд.

Thank you for trying PDF Suite

**Қиёми хуч.** Қиёми хучро аз шарбат ва меваҳои анвои гуногуни хуч (баъзан бо иловаи усораи меваи рябинаи сурх, рябинаи сиёҳ, дӯлона, клюква), қанд, туршии аскорбинӣ, кислотаи лимӯ.

**Равғани хуч.** Равған аз тариқи усоракунии гарми он бо маҳлулкунандаи органикии тухмии хокашудаи хуч истеҳсол мегардад. Он аз витамини Е ва каротин бой буда, дорои туршиҳои носери чарбӣ мебошад. Равған дар табобати кафидаҳо, ҷароҳати сари сина истифода мешавад – салфеткаи дар равғани хуч тар кардашударо ба сари сина баъди ҳар як ширдиҳии кӯдак ба мӯҳлати 20-30 дақиқа, дар давоми 4-5 рӯз мегузоранд. Дар табобати захмҳои беморони бистарӣ ва захмҳои трофикии зону – тарбандҳои он истифода мешавад.

**Хока аз меваи хуч. Ашёи хоми асосӣ**: меваи тари хучи табиӣ мебошад. Антиоксидантҳои табиӣ ва фаъоли VC амали радикалҳои озодро барҳам медиҳанд. Хучи худруй аз бешаҳои шимолӣ - шарқии кишвари Хитой мавҷуд аст, ки ба таркиби он 17 навъи аминокислотаҳо, 28 навъи унсурҳои зарурӣ барои инсон дохил мешаванд ва дар байнашон VC, VE, VB1, VB2, VA, VP, B, каротинол ҷои аввал дошта, махзани поливитаминҳои табиӣ ба шумор меравад. Технологияи истеҳсолот дар ҳарорати 40 дараҷа поёнтар аз сифр бо тарзи навтарини технологии муосир тавлиди микрохокаи андозаи зарраҳояш то 5 микрон мебошад. Таркиби нодири хокаи он моддаҳои ғизоии аввалия ва дигарро нигоҳ дошта аз тарафи инсон хеле хуб ҳал шуда маҳсулоти табии шифобахши беҳдоштӣ ба ҳисоб меравад.

**Равғани хуч.** Равғани хучро аз тухмии майдакардашудаи он аз тариқи усоракунии он бо маҳлулкунандагони органикӣ тавлид менамоянд. Хусусияти равғани хуч: моеи равғании норинҷӣ ва ё бурранги тобиши сабзча дошта мебошад. Талхмазза буда, дорои бӯи хос мебошад. Он дорои туршиҳои чарбуи серу носер (линолӣ, линоленӣ), каротиноидҳо, токоферолҳо, витамини С мебошад. Инчунин хусусиятҳои зерин ба он хос мешуморанд: регенератсиявӣ, витаминӣ, метаболикӣ, адаптогенӣ, умуминерубахшанда. Истифодаи он: равғани хучро барои шифобахшии кафидаҳои рӯякӣ, ҷароҳатҳои сари синаи занҳои синамаккон, захмҳои беморони бистарӣ, дар бемориҳои дерматоз, захмҳои трофикӣ истифода мебаранд. Ба таркиби клизмаҳо барои табобати захми ғайриоддии колит истифода бурда мешавад. Баъзан ҳамроҳ ба ғизо низ истифода менамоянд.

## 3. Таҳқиқоти маркетингӣ – бозоршиносӣ.

Дар ҷумҳурии Тоҷикистон тавлид ва коркарди маҳсулоти хуч дар зинаи аввали ташаккулёбии худ қарор дорад. Сабаб дар он аст, ки коркард ва инчунин паҳнкунии он, ташкили парваришгоҳҳои ниҳолчаҳо нав оғоз шуда истодааст. Парвариши меваи хуч дар асоси имкониятҳои беохири тайёркунии он аз байни растаниҳои худрӯи водии Хатлони ҷанубӣ-ғарбӣ давом дорад.

Thank you for trying PDF Suite

Дар шароити ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ кардан, шӯстан, калибргирӣ ва бастабандии маҳсулоти хуч бо мақсади содирот кардани он имкон дорад. Коркарди мукаммалтари онро дар шароити воридкунии инвеститсияҳои калон ба роҳ мондан мумкин мегардад.

Дар замони ҳозир дар шароити ҷумҳурии Тоҷикистон қариб даҳҳо соҳибкорон ва корхонаҳои тавлидгари нӯшобаҳо, шарбату шаҳдҳо ва нӯшобаи хуч машғул мебошанд. Дар қисмати поёни кор мо SWOT – таҳлили ширкати пешбинишавандаеро барои мисол овардаем, ки он дар Тоҷикистон оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди хуч фаъолият хоҳад кард.

**SWOT – таҳлили ширкат**

| Тарафҳои қудратманди он | Тарафҳои камқудрати он |
|---|---|
| • Зиёдшавии талабот дар бозори дохиливу хориҷӣ.<br>• Маҳсулот навъбандӣ ва калибргирӣ ва бастабандӣ карда мешавад.<br>• Имконияти зиёд кардани тайёркунии растаниҳои худрӯй дар асоси культиватсия. | • Бизнеси нав.<br>• Культиватсия ва тайёр кардани нуқтаҳои ҷамъоварӣ инвеститсия мехоҳад.<br>• Барои коркарди комил занҷираи воридот, ки ҳанӯз мавҷуд нест, бояд таҳия карда шавад.<br>• Назорати сифат барои истеҳсолоти комили витамини С. |
| Имкониятҳо | Хавфҳо |
| • Содирот ба корхонаҳои дорусозии Федератсияи Русия, Украина. | |

Дар лоиҳаи мазкур мо имкониятҳои ташкили ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи маҳсулоти босифатро баррасӣ менамоем, ки аз тариқи хариди таҷҳизот барои ҷамъоварӣ, навъбандӣ, калибргирӣ ва бастабандии хуч татбиқ карда мешавад. Имрӯзҳо махсулоти хучро содир мекунанд, аммо ҳаҷми он метавонад хеле зиёд карда шавад. Дигар самти таҳлилу баррасӣ иборат аз корхонаҳои хурди истеҳсолоти хуч ба ҳисоб меравад.

**Истеъмолкунандагони асосӣ.**

Меваи хучро барои содирот аз ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мекунанд. Дигар маҳсулоти он содир намешавад. Дар бозори дохилӣ нӯшобаи хуч дар байни аҳолӣ хеле маъруф мебошад (талаботи ГОСТ дар замимаи кор оварда шудааст).

Дар бозори содиротӣ истеъмолгарони меваи хуч асосан корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти он мебошад. Нишонаи асосии корхонаҳои мазкур – мавҷудияти туршии аскорбин дар хуч мебошад. Инчунин истеъмолгарони меваи хуч аҳолии кишварҳои содиркунанда мебошанд, ки меваи хучро аз тариқи нуқтаҳои чаканафурӯшӣ харидорӣ



Thank you for trying PDF Suite

карда, унсури интихоби хучро иборат аз намуди зоҳирӣ, аз ҷумла ранг, андоза, якрангӣ ва якмаромии онро ба назар мегиранд.

Харидорон оид ба харид дар асоси чунин факторҳои бобати манфиатнок барои саломатӣ, тавсияи духтурон, сарчашмаи витамин буданаш қарор қабул мекунанд. Аҳолие, ки маҳсулоти мазкурро асосан истеъмол мекунанд, ба гурӯҳи даромади миёна ва боло дохил мешаванд.

Меваи хуч тамоми сол фурӯхта шуда, қуллаи фурӯши он ба моҳҳои декабр – апрел, яъне моҳҳои сард ва мавсими баҳор рост меояд.

Азхудкунии бозорҳои нав ва вусъат додани соҳаи таъсиррасонӣ дар бозор аз тариқи татбиқи ҷамъоварии маҳсулот дар давраи мавсими он ба миқдори зиёдтари витамини С рост омада, коркарди босифат ва бастабандӣ, беҳтар кардани сифати молу маҳсулот, хубтар кардани назорати ашёи хом, истеҳсолот, нигоҳдорӣ ва интиқолро дарбар мегирад.

**Нархсозӣ.**

Нархсозӣ вобаста аз омилҳои гуногун буда, фактори нархи ашёи хом дар он нақши ҳалкунандаро доро мебошанд. Нархи фурӯши он дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуқтаҳои тайёркунии он то андозаи 5-7 сомонӣ, дар бозори чакана ва яклухт то андозаи 8 сомонӣ, яъне арзиши он аз 1,1 то 1,8 доллари ИМА - ро ташкил мекунад. Вақти харидории он аз ҷамъкунандагон/тайёркунандагон ва фермерон ба нархи маҳсулот таъсир мерасонад. Давраи асосии харидори маҳсулот баъди пухтарасидан ва хушк кардани ҳосил дар моҳи октябр то охири ҳар як солро ташкил мекунад.

Нархи яклухти хучи бастабандишуда дар бозори содирот аз 2,5 доллар барои 1 кг бештар намебошад.

Нархи нӯшобаҳои дар ҷумҳурии Тоҷикистон аз хуч истеҳсолшаванда дар ҳудуди 3,5 сомонӣ барои 1 литр барои як пет зарфи 1 литра ва ё зарфи тетрапак ва ё 1,5 – 2 сомонӣ ба зарфи 0,5 литраи ҳарфи шишагинро ташкил медиҳад.

**Нигоҳдории маҳсулот.**

Нигоҳдории маҳсулот мувофиқи талаботи Стандарти давлатӣ анҷом дода мешавад. Барои нигоҳдории дуруст бо мақсади содир кардани он бояд шабакаи анборхонаҳо мавҷуд бошанд. Дар замимаи кор мо талаботи стардарти давлатиро нишон додаем (ниг. замимаҳо). Меваи хушки он метавонад 2 сол дар шароити мувофиқ нигоҳдорӣ карда шавад. Маводи барои истифодаи худӣ ҷамъоваришударо дар халтаҳои коғазӣ ё латтагӣ, қуттиҳо нигоҳ доштан шуданаш мумкин аст. Меваи хушки он тухмӣ, қисмҳои рӯизаминии онро дар халта, сатил ва ғайра гузоштан мумкин аст.

4. <u>Таҳлили ташкил ва менеҷменти он.</u>

Омӯзиш ва баррасии қонунгузорӣ нишон дод, ки идорркунии мувофиқи матлаб барои ташкили коркарди маҳсулот ҶММ ва ё ҶС ва ё кооперативи истеҳсолӣ ё ҳамшарикӣ ба шумор меравад. Ҳар яке аз шаклҳои мазкур метавонанд барои ташкили бизнеси коркарди истеҳсоли



Thank you for trying PDFSuite

хуч  истифода гарданд. Бештар аз ин оид ба бартариятҳои ҳар як шакли бақайдгирии бизнес ба нашрияи «Баррасии шаклҳои ҳуқуқии бақайдгирии соҳибкорӣ. Таҳлили имкониятҳо» муроҷиат намоед. Ҳамин тавр, ба андешаи мо хеле мубрам ва муҳим он аст, ки новобаста аз шакли бақайдгирӣ ба назар гирем,то дар мадди аввал он аст, ки бо кишоварзони истиҳсолгари  хуч   алоқаи зич дошта бошанд ва ин навъи соҳибкориро хуб донанд.

**НАҚШАИ ТАШКИЛ ВА МЕНЕҶМЕНТ**

Сохтори ташкилии ширкат одатан реактивӣ, на проактивӣ бояд бошад. Ҳангоми таъсиси ташкилот ва ҷалбу интихоби кормандон зарур  он аст, ки ба таври  равшан сохтори идоракунӣ ва тобеияти ташкилот тасаввур карда шавад ва масъалаҳои ҷавобгарӣ ва ӯҳдадориҳои он муқаррар гардад. Одатан навиштани сохтори ташкилии ширкат хеле баъд аз оғози корҳо  шурӯъ гардида ҳаракатҳои аввали ифодагари онанд, ки воқеан дар ширкат вазъият чӣ гуна аст. Баъд аз он, ки сохтори воқеии ширкат муайян гардид, он метавонад воситаи идоракунӣ шавад ва он барои пеш бурдани ташкилот ба суи дастовардҳою муваффақиятҳо ҳамаҷониба кӯмак ва мусоидат менамояд. Дар поёни кор мо сохтори ташкилии ширкатро овардаем, ки дар оғози кор метавонанд  мавриди истифода қарор дода шаванд.

**СОХТОРИ ТАШКИЛӢ**




Thank you for trying PDF Suite

Тамоми тағйироти сохтори ташкилии ширкат ба салоҳияти Шӯрои Директорони ширкат марбут гардида, онҳо метавонанд дар маҷлиси иштирокчиён/муассисон/саҳомон баррасӣ карда шаванд.

**Муносибат бо муассисон/саҳомон**

Маҷлиси муассисон/саҳомон мақоми олии идоракунии ширкат ба ҳисоб меравад. Ҳимояти ҳуқуқи муассисони ширкат усули бунёдии фаъолияти ширкат мебошад. Ҳамаи қарорҳои директорон бояд ба манфиатҳои муассисон ҷавобгӯ бошанд. Муассисон/саҳомон ҳуқуқ доранд дар шӯрои директорони ширкат намоянда дошта бошанд, ки ин барои татбиқи фаъолияти мустақил имконият дода, ҳамзамон бо ин роҳ метавон манфиатҳои муассисон дар тамоми давраи фаъолият ифода карда шавад.

**Усулҳои бунёдии кори Шӯрои Директорон**

Ширкат метавонад Шӯрои директорон дошта бошад, ки он ҳамчун қисми ташкилии сохтори ширкат фаъолият менамояд. Тавсифоти ҳар як узви Шӯрои директорон пешакӣ аз тарафи муассисон муқаррар карда мешавад. Дар байни аъзоёни Шӯрои мазкур ҳамчунин шахсоне ҳастанд, ки намояндагии манфиати саҳомонро ба ӯҳда доранд. Шӯрои мазкур дар назди маҷлиси умумии муассисон ҷавобгӯ мебошад. Шӯрои директорон ӯҳдадориҳои худро одилона, ақлонӣ ва мувофиқи манфиатҳои беҳтарини ширкат бояд иҷро намояд. Дар баробари ӯҳдадориҳо Шӯрои Директорон, ки дар ҳуҷҷатҳои муассисон  ифода шудааст, мақоми мазкур барои таҳияи барномаи фаъолият, пеш бурдан ва рушди стратегии ташкилот масъулиятро ба дӯш дорад. Ҳамчунин мақоми мазкур назоратро аз болои нақшаҳои соҳибкорӣ ва иҷро намудани онҳо, таъин намудан ва бозхондани директор, ташкили муайянкунандаҳои баҳодиҳии  корҳо, таъсиррасонӣ ба амалияи татбиқи бизнес, татбиқи фандрайзингро ба роҳ мемонад. Шӯрои Директорон ҳама корро мекунад, ки кори Директорро бобати татбиқи вазифаҳои дар пеш гузошташуда ва комёб шудани  ширкат ба роҳ монад.

Аъзоёни Шӯрои директорон вазифаҳои мансабиашонро набояд пинҳон кунанд ва ё ба манфиати шахсӣ истифода намоянд, ё ин ки барои манфиати тарафи сеюм истифода баранд ва бояд тартиби махфияти ахборро  низ риоя намоянд.

Шӯрои Директорон мақоми фаъол ва мустақили қабули қарор буда,  ҳуқуқ дорад ба ҳамагуна ахбороти барои қабули қарорҳои мавриди  зарурат дастрасӣ дошта бошад. Ҳисоботи ҳарсола ва ҳуҷҷатгузорӣ бояд дар бораи Шӯрои Директорон, аз ҷумла маълумот дар бораи малакаву қобилиятҳои онҳо, таҷрибаи кор, узвият дар дигар ташкилотҳо ва дигар ахбороте, ки барои дарки нақшаву саҳми онҳо дар фаъолияти  ташкилот  иттилоъ дошта бошад.

**Комиссияи Ревизионӣ**

Фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро Комиссияи Ревизионӣ назорат менамояд, ки дар Маҷлиси аъзоён ба муддати 5 сол интихоб мегардад.

Thank you for trying PDF Suite

Миқдор ва тартиби фаъолияти Комиссияи Ревизионӣ низ бо қарори Маҷлиси Саҳомон муқаррар карда мешавад. Аз ҷумлаи аъзоёни Комиссияи Ревизионӣ раиси он интихоб мегардад. Комиссияи Ревизионӣ ҳар сол тафтишу санҷиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро татбиқ карда, дар назди Шӯрои Директорон оид ба натиҷаҳои санҷиш ҳисобот медиҳад.

**Директор**

Директор роҳбари мутлақи силсилазанҷири иҷроияи ширкат буда, барои комёб шудани он ба дастовардҳои тамоми ширкат ва иҷрои стратегияи он ҷавобгар мебошад. Директор ба амалӣ гардидани қарорҳои аз тарафи Шӯрои директорон ва маҷлиси саҳомон/муассисон қабул гардида, вазифадор буда манфиатҳои ширкатро ифода ва вазифаҳои идоракунии ширкатро иҷро менамояд. Ӯ дар ҳудуди салоҳияташ ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи тартиботи муайян, сиёсат ва мақсадҳои он, дар мувофиқа бо муассисон ва Шӯрои директорон қарор қабул намояд.
Тамоми вазифаҳои дигар дар ширкат махсус буда, ҳудуди муайяни салоҳият, ӯҳдадорӣ ва ҷавобгариро дар назар доранд ва барои рушди ширкат равона гардидаанд.

## КОДЕКСИ АХЛОҚ, РАФТОРИ КОРӢ ВА ЗИДДИЯТИ МАНФИАТҲО

Фаъолияти ширкат мувофиқи усулҳои ахлоқӣ ва одобӣ татбиқ карда мешаванд. Ширкат ба худ ӯҳдадорӣ мегирад, ки муҳити ихтисосии корӣ ташкил менамояд. Муносибати боэҳтиром нисбат ба ҳамдигар яке аз муҳимтарин унсури сиёсати кадрии ширкат ба шумор меравад.

**Зиддияти манфиатҳо**

Ширкат ба зиддияти манфиатҳо набояд роҳ диҳад ва манфиатҳои соҳибони ширкат, инвесторон ва саҳомонро ҳимоят менамояд.
Кормандон бояд аз вазъияте, ки сабаби зиддияти манфиатҳо шуданаш мумкин аст, худдорӣ намоянд.
Ҳамаи амалҳое, ки аз тарафи кормандони ширкат ва ё роҳбарияти он иҷро шудаанд, аз ҷумла қарорҳо оид ба бизнес набояд дар заминаи манфиатҳои шахсии онҳо асос ёбанд, зеро он сабаби ба манфиати ширкат ҳал накардани манофеи корхона аз ҷониби корманд хоҳад гардид. Ягон корманди ширкат ҳуқуқ надорад, ки усулҳои мазкурро вайрон кунад.
Бо мақсади роҳ надодан ба зиддияти манфиатҳо чунин чораҳо ба кор бурда мешаванд:

- Кормандони ширкат ҳуқуқ надоранд, ки ба таври бевосита ё бавосита аз мизоҷону бенифисиарҳо мукофотҳо гирад;
- Кормандони ширкат наметавонанд вазифаҳои намояндагии дигар ташкилотро анҷом диҳанд.

**Сӯиистифода аз активҳои ширкат**



Thank you for trying PDF Suite

Кормандон барои ҳифзу нигоҳдории активҳои ширкат ҷавобгар буда, бояд онҳоро мақсаднок истифода намоянд. Дуздӣ ва ё сӯиистифода аз активҳои мазкур барои татбиқи чораҳои фаврии ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос шуда  метавонанд.

**Сиёсати гендерӣ**

Ширкат бояд кӯшиш намояд. ки баробарии гендериро ба роҳ  андозад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки баробарии миқдорӣ дар назар дошта намешавад, балки пешниҳоди имкониятҳои баробар ҳам ба занон ва ҳам ба мардонро дар назар дошта мешавад.

Ширкат имкониятҳои баробарро барои мардону занон барои баланд бардоштани малакаҳои ихтисосӣ аз тариқи пешниҳоди тренингҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ҳ.к. пешниҳод менамояд.

Ширкат қатъиян пайгири усули роҳ надодан ба хушунат нисбат ба кормандон, инчунин донорҳо, ҳамкорон, бенефициантҳо, мизоҷон ва воридкунандагони ҳам ҷинси марду ва ҳам зан мебошад.

**Тартиби махфият**

Ба кормандон қатъиян ошкор кардани ахбороте, ки марбут ба ташкилот мебошад, манъ карда шудааст. Ахбороте, ки ба ошкор кардан мансуб нест, маълумотро оид ба технологияи истеҳсолот; ахбороти вобаста ба молия, маълумоти махсуси вобаста ба бехатариро дарбар гирифта метавонад, аммо  танҳо бо он маҳдуд намешавад.

**Робитаҳои ҷамъиятӣ**

Ширкат пайгири меъёрҳои олии ахлоқӣ дар робитаҳо бо ҷомеа ва мизоҷон мебошад.

**Намунаи сиёсати зидди - дискриминатсия**

Намунаи сиёсати зидди-дискриминтсионӣ метавонад бо  ифодаи мазкур пешниҳод карда шавад:

*Корфармо имкониятҳои баробарро ба ҳама фароҳам меоварад. Корфармо дар байни кормандон тафриқа нагузошта ҳангоми қабули кормандон, эълони ҷойҳои холӣ, ҷубронпулӣ, рушди вазифавии кормандон ва дигар шароитҳои шугл дар асоси ранги пӯст, синну сол, мансубияти миллӣ, этникӣ ва ё ҷинсӣ «қарорҳои дахлдор» қабул намекунад.*

**Намунаи сиёсати зидди хушунат**

Намунаи сиёсати зидди  хушунат метавонад бо ифодаи мазкур пешниҳод карда шавад:

*Корфармо барои ташкили муҳити аз хушунат озод ҷавобгар мебошад. Хушунат дар асоси нишонаҳои ҷинсӣ, синну сол, мансубияти этникӣ, миллӣ, динӣ ва дигар нишонаҳои аз тарафи қонуният муқарраршуда зуҳур менамояд. Дар назар он аст, ки тамоми кормандон, аз ҷумла менеҷерон ва дигар кормандони маъмурӣ- идорӣ қатъиян ба сиёсати мазкур содиқ мемонанд.*

Thank you for trying PDF Suite

Эзоҳ: Шумо метавонед муқаррар кардани хушунати шаҳвониро ба сиёсати худ ворид намоед. Масалан муқаррар кардан чунин тарз сурат мегирад:

*Хушунати шаҳвонӣ – ин рафтори табиатан ҷинсӣ дошта мебошад, ки нисбат ба шахс ва одамоне, ки ба онҳо равона шудааст, номатлуб ва таҳқиркунанда ба шумор меравад. Мисоли рафтори мазкур метавонад аз гунаи роҳ додани зиёда аз меъёри наздикии ҷисмонӣ, шӯхиҳои дорои мазмуни шаҳвонӣ дошта, сӯҳбатҳо дар мавзӯъҳои шаҳвонӣ, шӯхиҳои шаҳвонӣ ва ё эродҳо, ҳаракатҳои беадабона ва намоиш додани расмҳо, қайдҳо ва карикатураҳои порнографӣ ва ё табиати шаҳвонӣ дошта бошад.Истифодаи низоми компютерии корфармо барои тамошо, намоиш додан ва ё паҳн кардани маводи дорои мазмуни шаҳвонӣ низ метавонад ҳамчун хушунати шаҳвонӣ баррасӣ карда шавад.*

**Вайрон кардани кодекси рафтор**

Ҳамаи кормандоне, ки дар бораи фактҳои вайрон кардани кодекси мазкур дар ҷои корӣ ва ё вазъияти вобаста бо кор мебошад (ва ё иштирокчии он мебошад) огоҳ шудаанд ва огоҳӣ пайдо намудаанд, бояд ба роҳбарияти ширкат фавран хабар диҳанд.

**Роҳҳои ҳавасмандкунии кормандон**

Роҳҳои ҳавасмандкунии кормандон метавонад гуногун бошад ва ин вобаста ба таҳияи низоми ҳавасмандкунӣ дар корхона, низоми умумии идоракунӣ ва хусусияти фаъолияти худи корхона марбут мебошанд. Методҳои мазкури ҳавасмандкунии рафтори самараноки меҳнатӣ мавҷуданд:

- ҳавасмандкунии моддӣ;
- методҳои ташкилӣ;
- роҳҳои ахлоқӣ - равонӣ.

Шакли (методи) бештар паҳншудаи ҳавасмандкунии моддӣ *мукофоти шахсӣ* мебошад. Пардохтани он як дафъа дар як сол/семоҳа мақсаднок ба шумор меравад, дар ҳоли баръакси он ба музди меҳнат табдил ёфта, нақши ҳавасмандкунандагии худро аз даст медиҳад. Пешакӣ муқаррар кардани фоизи мукофот аз рӯи ҷамъбасти давра мақсаднок тар буда, он бояд мувофиқи дастовардҳои корманд мутавозин муқаррар карда шавад. Андозаи мукофот бояд, тавре ки маъмул аст, на камтар аз 30%-и музди асосии меҳнат бошад (мувофиқи ақидаи Ф. Тейлор), дар айни ҳол роҳбарони зинаи поён бояд 10-30%, миёна- 10-40%, олӣ 15-50% бошад. Самаранокии мукофот бештар бо дуруст интихоб кардани нишондиҳандаҳо, тақсимбандии онҳо вобаста бо накш ва хусусияти воҳиди сохторӣ, дараҷаи вазифа, майлон нисбат ба саҳми воқеӣ ва натиҷаҳои ниҳоӣ, тадбиркорӣ дар баҳодиҳии дастовардҳои корманд муқаррар мегардад.



Thank you for trying PDF Suite

Қаноатмандӣ аз қадркунии моддӣ ва сатҳи одилонаи он ташаббуси одамонро ҳавасманд карда дар онҳо садоқат ба ташкилот, ҷалб кардани кормандони навро ба вуҷуд меоварад.

***Тарзҳои ташкилии ҳавасмандкуниро дарбар мегиранд:***

- Иштирок дар корҳои ташкилот (одатан, иҷтимоӣ);
- Дурнамои дастрас намудани дониш ва малакаҳои нав;
- Ғанӣ гардонидани мазмуни меҳнат (пешниҳоди кори ҷолибтар бо перспективаи инкишофи вазифавӣ ва тахассусӣ).

***Методҳои ахлоқӣ-равонии ҳавасмандкуниро дарбар мегиранд:***

- Ташкили шароите, ки барои ташаккули шароити барои ифтихори тахассусӣ мусоид, ҷавобгарии шахсӣ барои кор (мавҷудияти ҳиссаи маълуми хавф, имконияти комёб гардидан);
- Мавҷудияти даъват, таъмини имконияти ифодаи худ дар меҳнат;
- Эътироф (шахсӣ ва оммавӣ) (тӯҳфаҳои қиматнок, ифтихорномаҳо, тахтаи фахрӣ ва монанди он. Барои хизматҳои махсус – бо орден ва медалҳо, нишонҳои сарисинагӣ, додани унвонҳои ифтихорӣ ва дигар);
- Мақсадҳои олӣ, ки одамонро барои кори самаранок рӯҳбаланд менамоянд (ҳамагуна вазифа бояд дар худ унсурҳои даъват карданро дошта бошад);
- Муҳити эҳтироми байниҳамдигарӣ, боварӣ ба якдигар.

**Назарияи ҳавасмандкунии Абрахам Маслоу**

Назарияи якуми баррасишаванда бо исми назарияи пайдарҳамии талаботи Маслоу номгузорӣ шудааст. Мазмуни он аз омӯзиши талаботи инсон иборат мебошад. Ин назария қадима ба шумор меравад. Тарафдорони он аз ҷумла, Абрахам Маслоу низ чунин ҳисоб мекунанд, ки предмети равоншиносӣ рафтор, на тафаккури инсон мебошад. Дар асоси рафтор талаботи инсон зуҳур кардаю онро ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- Талаботи физиологӣ, ки барои зинда мондани инсон лозим аст: барои хӯрок, об, истироҳат ва ҳ.к.;
- Талабот нисбат ба бехатарӣ ва боварӣ нисбат ба оянда - муҳофизат аз бехатарии ҷисмонӣ ва дигар хатарҳо аз тарафи муҳити атроф ва боварӣ ба он, ки талаботи физиологӣ дар оянда низ қонеъ карда мешаванд;
- Талаботи иҷтимоӣ - зарурат ба муҳити иҷтимоӣ. Дар муомила бо одамон, эҳсоси «кӯмак» ва дастгирӣ;
- Талабот нисбат ба эҳтиром, эҳтироми муҳит ва кӯшиш барои комёбиҳои шахсӣ;
- Талабот нисбати худифодакунӣ, яъне зарурат ба инкишофи шахсӣ ва татбиқи имкониятҳои худ (замимаи 1.).

**Маслиҳатҳои амалии ҳавасмандкунии дурусти кормандон**



Thank you for trying PDF Suite

1. Маслиҳатҳои пешомадагонатонро ба назар гиред.
2. Шахсан шуморо чӣ ҳавасманд менамояд?
3. Хоҳишҳои кормандонатонро нисбат ба кор омӯзед.
4. Нисбат ба кор ҳавасмандӣ зоҳир намоед.
5. Омилҳои монеашавандаро бартараф намоед.
6. Меҳрубонӣ изҳор намоед
7. Дар ҳавасмандкуниҳои пулӣ боэҳтиёт бошед!
8. Қарор қабул намоед.
9. Дигаргуниҳоро идора намоед.
10. Бартариятҳои онҳоро нисбат ба омӯзиш фаҳмед.
11. Тамосро таъмин намоед.

Ҳамин тавр, барои бақайдгирии ташкилот ва интихоби нақшаи идоракунӣ таҳлили ҳаматарафа талаб карда мешавад. Ба замми ин, бояд ба назар гирифт, ки чӣ тавр фандрайзинг, гирифтани қарз, ҷалби ҳамкорон ва инвесторон ба амал меояд.

**5. Асосноккунии техникӣ.**

Боби мазкур бархурди комплексиро нисбат ба асосноккунии техникии лоиҳа оид ба тайёркунӣ ва коркарди маҳсулоти хуч пешниҳод менамояд. Инчунин минбаъд мо дигар навъи коркарди хучро дар асоси технологияи истифодаи комплексии меваи хуч барои истеҳсоли препаратҳои витаминдор тавсиф медиҳем.

Thank you for trying PDF Suite

**5.1. Тайёркунӣ ва коркарди хуч.**
Навъи мазкури коркард ташкили корро дар се сатҳ дар назар дорад. Дар давраи аввал ҷамъоварии растанӣ ба амал меояд. Зинаи дуюм ташкили ҷамъоварии мева, коркард ва хушккунии маҳсулот мебошад. Баъд аз ин дар давраи сеюм навъбандӣ, калибргирӣ ва хушк кардаю бастабандии маҳсулотро дарбар мегирад.

**Ҷамъоварии меваи хуч.**

Ба сифати ашёи хоми доруворӣ меваи хуч – Fructus Rosaepo истифода менамоянд. Меваи хучи сагаки Тоҷикистонро шартан ба анвои ҷанубии камвитамин дохил мекунанд, зеро дар он миқдори ками туршии аскорбин мавҷуд аст, аммо ин ҳолат онро камаҳамият намекунад. Мавҷудияти витамини С дар раванди пухтани меваҳои он, инчунин дар давоми нигоҳдории маҳсулот тағйир меёбад. Барои нигоҳдории ҳолати хуч бо мақсади пурра нигоҳ доштани витамини С зарур мебошад, ки дар се масъалаи асосӣ диққатро мутамарказ намуд:

- Муқаррар кардани давраи пухта расидани он, ки дар мева миқдори болотарини витамини С мавҷуд аст.
- Низоми мувофиқи хушккунии меваро ташкил намудан.
- Пайдо кардани методи мувофиқи нигоҳдории маҳсулот.

Бинобар он, ки дар ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз навоҳии Ашту Исфара меваи хуч дар шакли худрӯй дар кӯҳистон мерӯяд, масъалаи мазкур ба салоҳияти хоҷагии ҷангали кишвар дохил мешавад. Ҳар сол хоҷагии ҷангал миқдори зиёди хучро мувофиқи шартнома гирдоварӣ ва тайёр мекунад.

**Вақти ғунучини маҳсулот.** Олимони ҷумҳурии Тоҷикистон парвариши меваи хучро дар баландии 2500 м аз сатҳи баҳр дар Помири шарқӣ тадқиқу пажӯҳиш кардаанд. Мувофиқи ин тадқиқот миқдори ками витамини С дар хуч хоси миёнаи моҳи сентябр будааст. Дар ин давра мева пурра пухта мерасад, ки ин аз намуди зоҳирии он маълум мегардад, зеро ранги меваҳо сурхи баланд шуда ғилзати туршии аскорбини он комил мегардад. Дар давраҳои баъд ғилзати витамини С ба маротиб кам мешавад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки баъди як моҳ ғилзати витамини С ба андозаи 20% кам мешавад. Яъне агар дар навъи хучи «Гунт», ки 16 сентябр чида шудааст, 9,2% туршии аскорбинӣ бошад, 17 октябр ғилзати он то 7,8% кам мешудааст.

Дигар далели муҳим он аст, ки ғилзати витамини С-ро дар тамоми меваҳо кам мекунад – сармои барвақтӣ мебошад. Аз ин рӯ, ғунучини ҳосил бояд то сармои аввалини тирамоҳ анҷом дода шавад (дар баландии 2000 – 2500 метр аз сатҳи баҳр аз моҳи октябр шурӯъ мешаванд). Ҳамин тавр, меваи хучро аз охири моҳи то октябр ҷамъоварӣ менамоянд.

Меваи хучро то саршавии сармо ҷамъ мекунанд зеро мевае, ки сарморасида аст, баъди об шудани ях қисми зиёди витаминашро аз даст медиҳад. Меваҳои сармозадаро танҳо он замоне ҷамъ мекунанд, ки агар имконияти онҳоро барои коркард истифода кардани бе обкунӣ бошад,

ки ин ҳолат нигоҳ дошта шудани хуби витаминҳоро таъмин месозад. Ашёри хомро бояд якбора ба зарфҳо ҷойгир кардан лозим меояд. Зарфи беҳтарини ҷамъоварии ашёи доруворӣ, хусусан гулҳо, гулбаргҳо, баргҳо меваҳои обдор ин сабадҳо мебошанд.

Бо мақсади тайёр кардани ашёи хоми босифат меваҳои пухтарасида, безахм ва солим ҷамъ карда мешавад. Тавсия дода мешавад, ки меваи нимхоми сахт, аммо сурхи баланд ё норинҷӣ низ чида шавад. Меваи пурра пухта расидаро дастӣ, боэҳтиёт мечинанд, зеро имкон дорад, ки онро пачақ намоед ва ҳангоми хушккунӣ он зуд вайрон мешавад. Меваи хучро пурра бо косагул чидан беҳтар аст, ки он дар болои мева боқӣ мемонад. Ин косагулро баъд аз хушк кардан тоза карда меваро бо дастон месованд. Дар вақти чидани мева тавсия дода мешавад, ки барои аз хорҳо эмин мондан дастпӯшакҳои брезентӣ ва ҳангоми ҷобаҷокунии ашёи хом- пешгиракҳои сахти кисаи калондор пӯшидан лозим мешавад.

**Тайёркунӣ**. Дар шӯъбаи кишоварзии шаҳри Норак ба мо иттилоъ доданд, ки миқдори зиёди хуч дар кӯҳсор мерӯяд, аммо аҳолӣ онро ҷамъоварӣ намекунад, зеро харидор надорад. Танҳо дар шаҳри Нораку деҳаи ҳамсояи он – ноҳияи Данғара даҳҳо тоннаи меваи онро ғундоштан мумкин аст, агар дар маркази ноҳия нуқтаҳои тайёркунии маҳсулот мавҷуд бошанд ва аҳолӣ боварӣ дошта бошад, ки хучи ҷамъкардаашонро фурӯхта метавонанд. Ҳамагӣ ҳар сол онҳо то 100 тонна хуч чида, илова ба ин миқдори зиёди онро аҳолӣ тайёр мекунад.

Дар ҳоҷагии ҷангал таъкид шуд, ки ҳангоми тайёркунии меваи хуч муҳим аст бо ҳар як ҳоҷагии ҷангал гуфтушунид карда шавад. Ба қавли сармутахассиси шӯъбаи рушд ва эҳёи хоҷагии ҷангал Иномов Сиддиқ: «Хуч зиёд аст ва ба он солҳои охир талаб меафзояд. Аммо бояд аҳолиро ҷалб кард. Танҳо дар хоҷагии ҷангали Ромит ва бо аҳолии Ромит метавон бештар аз 50 тонна меваи он ҷамъ карда шавад». Дар даврони шӯравӣ хуч барои корхонаҳои дорусозии ҷумҳуриҳои Россия ҷамъоварӣ мешуд. Ҳоло бошад, ин бозор то андозае маҳдуд шудааст.

**Ҳосилнокии ин** растании худрӯй аз 0,1 до 1,6 т/га мебошад ва аз далелхои гуногун, асосан хусусияти ҷой, шароити обу ҳаво ва синну соли анбӯҳи он вобастагӣ мегирад. Ба ҳисоби миёна як растанӣ то 4 кг меваи хушк медиҳад. Ҳангоми ҳосили миёна доштани он шахси калонсол дар давоми рӯзи кории 7-соата метавонад то 8-20 кг мева, агар ҳосили зиёд бошад (бештар аз 1 т/га) дар анбӯҳи шаклҳои калонмеваи хуч—то 34 кг чида метавонад. Ҳосилнокии меҳнати хуччинонро хеле баланд кардан мумкин аст, агар ҳар гуна воситаҳо истифода шавад:: хуччинакҳо, халтаҳо ва дигар.

**Навъбандӣ**. Меваи чидашудаи ба ҷои хушккунӣ овардашударо дар брезент, матоъ ва фарши тоза рехтаю мечинанд, навъгирӣ мекунанд. Растаниҳои дигар, қисмҳои растаниро, ки шифобахш нестанд, аз қисмҳои мурда ва захмӣ, сангу хок ва дигар маҳсулот тоза мекунанд. Баъд хучро дар сабадҳои миёна ҷамъ карда барои хушккунӣ ва коркард мефиристанд.



Thank you for trying PDF Suite

**Хушккунӣ. Ме**ваи хучро дар тафдонҳо, хушккунакҳо тез хушк мекунанд. Ашёи хоми чидашуда баъди коркарди аввалия бояд зуд хушк карда шавад. Агар хушккунӣ саривақт сурат нагирад, ҳангоми ашёи хомро ба шаб мондан, бинобар амали ҳуҷайраҳои зинда ва фаъолияти ферментҳо таъсири моддаҳои дар растанибуда давом ёфта (гликозидҳо, алкалоидҳо ва ҳ.к.), микроорганизм ва замбуруғҳо ташаккул меёбанд ва сабаби пӯсиши мева ва мағорбандии ашёи хом мешаванд. Бинобар ин вазифаи асосии хушккунӣ иборат аз он аст, ки аз ашёи хом нами дур карда шуда дар натиҷа фаъолияти зиндамонӣ ва амали ферментҳо барҳам дода шавад. Чӣ қадар хушккунӣ зудтар иҷро гардад, сифати ашё ҳамон қадар баланд мегардад.

Онро дар бухориҳо бо ҳарорати 80—90°С хушк мекунанд, то ба оксидшавӣ роҳ дода нашавад ва ё дар сабзавотхушккунакҳо онро зуд - зуд шамол дода, тагурӯ мекунанд. Баъди хушккунӣ меваро аз гулкосаҳо ва дигар ифлосиҳо тоза мекунанд. Ба ғайр аз меваҳои пуррае, ки ифлос номида мешаванд, инчунин меваҳои тозаро ҷамъ мекунанд. Дар ин ҳолат меваи тару тозаро пеш аз хушккунӣ бо бару дарозӣ реза карда аз онҳо чормағзакҳои мева ва мӯякҳоро тоза мекунанд. Меваи хучи нағз хушк кардашуда бояд ранги табиӣ, маззаву бӯйашро нигоҳ дошта ва бештар аз 14% намӣ дошта бошад, дастони касро касиф накарда ҳангоми фишордиҳӣ ғуҷум нашавад, дар таркибаш меваи сиёҳшуда ва ё мағорбаста надошта бошад.

Баромади ашёи хушк вобаста аз вақти ҷамъоварӣ, навъи меваи хуч ва дигар далелҳо вобаста аст. Ба ҳисоби миёна аз 100 кг меваи хом то 32—42 кг ашёи хушки хом ба даст меояд.

Вобаста аз ҳаво ашёро бо истифода аз гармии табиӣ ё сунъӣ хушк мекунанд ва дар ҳавои хуб бошад - дар ҳавои кушод, офтоб, бом; дар ҳавои бад бошад - хушккунакҳо, бухориҳо, дегдонҳо истифода мебаранд. Растанӣ дар чердаки боми оҳанӣ хуб хушк мешавад, хусусан, агар тирезаи ҳавогардонӣ мавҷуд дошта бошад. Барои хушккунии ашёи хом чердакҳои фермаҳои чорвопарварӣ мувофиқ нест, ки дар он ҷой ашёи хом бӯи дигарро гирифта метавонад, инчунин дар биноҳое, ки маводу маҳсулоти дорои бӯи ғализ мебошанд, ядохимикатҳо, поруҳои минералӣ ва ҳ.к. хушк кардани меваи хуч муфид нест.

Ҷадвали 3. Рӯйхати таҷҳизоти зарурӣ барои ташкили коргоҳи ҷамъоварӣ ва тайёр кардани меваи хуч.

| Номгӯи таҷҳизот ва сомотн-олот | Миқдор | Нархи воҳид | Нарх бо долл. ИМА |
|---|---|---|---|
| тарозуи 1 тоннагӣ барои коргох ва нуқтаҳои тайёркунӣ. | 6 | 500 | 3000 |
| Тағора, сатил ва бел (барои нуқтаҳои тайёркунӣ) | 5 компл. | 20 | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| тафдон | 1 | 4000 | 4000 |
| Фитаи транспортурӣ барои навъгирӣ | 1 | 2000 | 2000 |
| Дастгоҳи кафшерӣ, дӯзандагӣ барои халтаҳо | 1 | 1000 | 1000 |
| Паллетҳо | 30 | 20 | 600 |
| Аробаи вилкагӣ | 1 | 1000 | 1000 |
| Таҷҳизоти лабораторӣ, даста | 1 | 2000 | 2000 |
| Ҳамагӣ: | | | 13700 |

**5.2. Тайёр кардани нӯшобаи хуч.**

Коркарди хуч дар Тоҷикистон ҳоло асосан аз тайёр кардани нӯшобаи хуч иборат аст. Нӯшоба қариб бо як рецепт тайёр карда мешавад, ки дар он нӯшоба зинаи омодакуниро мегузараду такшон мешавад. Ба он қанд низ илова мекунанд. Мувофиқи талаботи ГОСТ, нӯшобаҳои тайёр бояд ба зарфҳои комилан маҳкамшаванда рехта шаванд. Одатан он ба зарфҳои шишагини 0,5 литра ва ё тетра-брик ва ё РЕТ-зарфҳо рехта мешавад, ки ҶММ «Элита – Истаравшан» мекунад.



Расми 1. Маҳсулоти ҶММ «Элита-Истаравшан»

Thank you for trying PDF Suite

Ҷадвали 4. Рӯйхати таҷҳизоти зарурӣ барои ташкили коргоҳи тайёр ва рехтани нӯшобаи хуч ба зарфҳои ғунҷоиши 0,5 л.

| **Номгӯи таҷҳизоти сомон-олот** | **Микдор, дона** |
|---|---|
| Вибромиз барои андозагирӣ ва пурра тоза кардани ашёи дорои транспортери фитаӣ | 1 |
| Мошини обпошӣ барои меваи хурду миёна | 1 |
| Мошини шустушӯӣ - бодбезӣ | 1 |
| Конвейери навъгирӣ | 1 |
| Конвейери ашёдихӣ бо ҷойгоҳҳои резинӣ | 1 |
| Конвейери додани зарфҳо | 2 |
| Дастгоҳи нӯшобапуркунӣ | 1 |
| Дастгоҳи тайёр кардани нӯшоба бо ҷойгоҳи дуқабата | 1 |
| Дастгоҳи тайёр кардани об | 1 |
| Мошини маҳкамкунӣ | 1 |
| Мошини стерилизатсия барои зарфҳои шишагин | 1 |
| Ҷойгоҳи стерилизатсия барои зарфҳои шишагин | 1 |

Нархи хати комили истеҳсоли нӯшобаи хуч бо интиқол ва гумрукикунонӣ то ба ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 100,000 доллари ИМА –ро ташкил медиҳад.

Дар ҳолати зарурат ва мушкилот ҳангоми ҷустуҷӯ, воридот, лоиҳагирӣ ва васлкунии таҷҳизот, ҷустуҷӯ ва дизайни маводи бастабандӣ, коркарди ҳамагуна шартҳои техникӣ ва дигар амалҳо метавонед, ки ба ҶММ «Маркет плюс», нишонии ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 85-а, телефон: 992 92 7704522 (www.marketplus.org) муроҷиат карда шавад.

## 5.3. Коркарди комплексӣ

**Комплекси технологӣ бо хати коркарди** комплексии меваи хуч мебошад. Мазмуни технология дар он аст, ки тақсимоти меваи хушки хучро анҷом медиҳад. Тақсими пӯсту тухмӣ низ анҷом дода мешавад. Аз пӯстлохи он

## Нақшаи 1. Нақшаи комплексной переработки хуч.




Thank you for trying PDF Suite

қиёми витаминӣ, нӯшобаҳо барои кӯдакон ва шахсоне, ки дорои бемори диабети қанданд, тавлид мегардад. Аз пӯсти он доруҳои “Karotolin” ва “Holosas” тавлид карда мешавад.

Аз тухмии он бо роҳи усорагирӣ бо маҳлулкунандагони органикӣ маводи тиббии «Равған хуч» истеҳсол мекунанд.

Партовҳо ва кунҷораи баъди равғанкашӣ аз тухмии хуч мондаро ба хӯроки ҳайвоноти мӯинадор ҳамчун маводи ғизоӣ илова мекунанд.

**Хати технологии коркарди комплексии хуч чандин бахшҳоро** дарбар мегирад:

- Тайёр кардани ашёи хоми коркардшаванда.
- Истеҳсоли нӯшоба.
- истеҳсоли қиёми витаминӣ аз хуч.
- истехсоли равғани хуч.
- истеҳсоли маводи ғизоӣ барои ҳайвоноти мӯина.

### 5.3.1. Коркарди маҳсулот. Тайёр кардани витамини С.

Коркарди меваи хуч бо витамини С истеҳсолоти қимати инвеститсияи калон талабкунанда буда, нисбатан пешбинишаванда дар талаботи техникӣ мебошад. Аммо мо мехостем хонандаро бо давраи технологии он, ки дар поён бо нақшаи 1 ифода ёфтааст, шинос намоем.

Меваи хучро бо элеватор (Т-101) ба диффузор (Р-102) мерасонанд (ҳарорат 70—75° С). Шарбати диффузиониро аз софкор-пресс (Ф-103) ба дастгоҳи буғкунии секорпуса мефиристанд (Р-104), ки дар он шарбатро то зичии 60% ғафс карда баъд ба хушккунаки пошдиҳанда мефиристанд (Р-105) то ки концентрати витамини С –и хокашакл пайдо шуда он ба ҳаб табдил дода шавад.

**Нақшаи 1. Нақшаи ҷараёни истеҳсоли витамини С.**




**ки дар он:** номи дастгоҳҳои накшаи технологӣ чунинанд:

| | |
|---|---|
| Т-101 | Элеватор |
| Р-102 | Диффузор |
| Ф-103 | софкор-пресс |

Thank you for trying PDF Suite

| | |
|---|---|
| Р-104 | Дастгоҳи буғкунии секорпуса |
| Р-105 | Хушккунаки пошдиҳанда |
| 101=102 | Меваи хуч |
| 103 | Шарбати диффузорӣ |
| 104 | Жом |
| 105 | Шарбати софкоришуда |
| 106 | Гӯшти меваи софкоришуда |
| 107 | Маҳлули концентратии витамини С |
| 108 | Конденсат. |
| 109 | Обе, ки ҳангоми хушккунӣ буғ карда шудааст. |
| 110 | Витамини С. |

**Ҳисоббарории моддии истеҳсолоти витамини С.**

Маводи аввалия:

| | |
|---|---|
| Маҳсулнокии солона, G | 10 т/сол |
| Миқдори рӯзҳои корӣ, n | 330 |
| зиёнҳо: | |
| Дар хушккунӣ | 1% |
| буғкунӣ | 3% |
| софкунӣ | 2% |
| диффузия | 2% |
| Консентратсияи маҳлул барои буғкунӣ | 0,5% |
| Намнокии меваи хуч | 60% |

1. Маҳсулнокии шабонарӯзӣ:

$$G_C = \frac{G}{n}, (1)$$

$$G_C = \frac{10000}{330} = 30{,}3\ кг/сут$$

2. миқдори витамини С, ки барои хушккунӣ бинобар зиёнҳо ворид мешавад:



Thank you for trying PDF Suite

$$G_{C1} = \frac{30{,}3 \cdot 100}{99} = 30{,}61\ кг/сут$$

Миқдори зиён дар хушккунӣ:

$$G_{суш} = G_{C1} - G_C \quad (2)$$

$$G_{суш} = 30{,}61 - 30{,}3 = 0{,}31\ кг/сут$$

3. Миқдори оберо, ки барои хушккунӣ истифода мешавад, ҳисоб мекунем:

$$G_1 = \frac{30{,}61 \cdot 100}{60} = 51{,}02\ кг/сут$$

$$G_{BC} = 51{,}02 - 30{,}61 = 20{,}41\ кг/сут$$

4. Миқдори витамини С, ки барои буғкунӣ бинобар зиёнҳо ворид мешавад:

$$G_{C2} = \frac{30{,}61 \cdot 100}{97} = 31{,}56\ кг/сут$$

Зиён дар буғкунӣ:

$$G_{вып} = G_{C2} - G_{C1} \quad (3)$$

$$G_{суш} = 31{,}56 - 30{,}61 = 0{,}95\ кг/сут$$

5. **барои буғкунӣ маҳлули 0,5%-и мерасад. Аз ин шароит миқдори оби барои буғкунӣ воридшаванда ҳисоб карда мешавад:**

$$G_Ж = 10466 - 6279{,}6 - 32{,}86 - 332{,}3 = 3821{,}35 кг/сут$$

Ҷадвали 1. Ҷараёни мавод дар раванди коркарди комили меваи хуч

| | 101 | | 102 | | 103 | | 104 | | 105 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | кг/сут | % | кг/сут | % | кг/сут | % | кг/сут | % | кг/сут | % |
| Хуч | 10466 | 100 | 10466 | 100 | | | | | | |
| Об | | | | | 6279,6 | 94,52 | | | 6279,6 | 99,5 |
| вит. С | | | | | 32,2 | 0,48 | | | 31,56 | 0,5 |
| Гӯшти | | | | | 332,2 | 5 | | | | |

Thank you for trying PDF Suite

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| мева | | | | | | | | | | |
| Жом | | | | | | | 3821,35 | 99,98 | | |
| Зиёнҳо | | | | | | | 0,66 | 0,02 | | |
| Ҷамъ: | 10406 | 100 | 10466 | 100 | 6644 | 100 | 3822,01 | 100 | 6311,16 | 100 |

давом

| | 106 | | 107 | | 108 | | 109 | | 110 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | кг/сут | % | кг/сут | % | кг/сут | % | кг/сут | % | кг/сут | % |
| Хуч | | | | | | | | | | |
| Об | | | 20,41 | 40 | 6259,2 | 99,98 | 20,41 | 98,55 | | |
| вит. С | | | 30,61 | 60 | | | | | 30,3 | 100 |
| Гӯшти мева | 332,2 | 99,8 | | | | | | | | |
| Жом | | | | | | | | | | |
| Зиёнҳо | 0,64 | 0,2 | | | 0,95 | 0,02 | 0,31 | 1,45 | | |
| Ҷамъ: | 332,84 | 100 | 51,02 | 100 | 6260,15 | 100 | 20,71 | 100 | 30,3 | 100 |

Ҷадвали 3. Тавозуни моддӣ

| ХАРОҶОТ ШУДААСТ: | | ГИРИФТА ШУДААСТ: | |
|---|---|---|---|
| Номгӯй | Масса, кг | Номгӯй | Масса, кг |
| **Б. ашёи хом** | | **А. маҳсулоти ниҳоӣ:** Витамин С | 30,3 |
| Хуч | 10466 | **Б. партовҳо** | |

Thank you for trying PDF Suite

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Об | 6279,6 |
| | | Жом | 3821,35 |
| | | Гӯшти мева | 332,2 |
| | | **В. зиёнҳо:** Витамини С | 2,5 |
| ҶАМЪ: | 10466 | ҶАМЪ: | 10466 |

**5.3.2. Коркарди маҳсулот. Истеҳсоли равғани хуч**

**Зинаи якуми тайёр кардани ашёи хоми коркардшаванда**
ин зина таҷҳизоти истеҳсолиро барои коркарди пешакии ашёи хом дарбар мегирад (таҷҳизоти хушккунӣ, резакунӣ ва ҳ.к.).

**Истеҳсоли равғани хуч** насбкунии таҷҳизоти усоракунӣ ва дегазатсияи маҳсулоти тайёрро дарбар мегирад.

Азот

Thank you for trying PDF Suite

**Нақшаи 2. Нақшаи ҷойгиркунии таҷҳизоти коргоҳи коркарди комплексии меваи хуч**.




Thank you for trying PDF Suite

Зинаи дигари он иборат аст, аз тозакунии равған, ки дар ин зина маводи иловагии маҳсулот тоза карда мешавад. Дар зинаи якуми тозакунӣ равғанро дар давоми якчанд рӯз такшон мекунанд, баъд қабати якуми онро мегиранд. Дар зинаи дуюм равған аз қифи пластикии дорои маводи худи софкор соф карда мешавад. Зинаи сеюму ниҳоӣ-гарм кардани равған барои он, ки намии он буғ шуда бактерияҳои он нобуд карда шаванд.

**Бастабандӣ ва нигоҳдории равған**. Барои бастабандӣ контейнерҳои тозаи хушк истифода мегардад, то ки талхшавии он кам шавад. Дар зарфҳои шишагин ва ё  зарфҳои пластикӣ рехтани он бештар мувофиқ мебошад. Беҳтар он аст, агар контейнерҳо торик буда дар қуттиҳои торик нигоҳ дошта шаванд. Мӯҳлати нигоҳдории равған аз 6 то 12 моҳ дар ҷои сард буда ва аз шӯои офтоб дур бояд бошанд.

**Ҷойгиршавии бизнес.**

Интихоби ҷойгиршавии бизнес бояд қатъиян ба манбаи ашёи хом наздик буданро, дар ҳолати мо наздикӣ ба меваи хучро дар назар дошта бошад. Бинобар он, ки ҳоло истеҳсоли хучи парваришёфта нисбат ба ҳаҷми ҷамъоварии хучи худрӯй хеле кам аст, истеҳсоли мазкурро дар қисми шарқии вилояти Хатлон бояд ба роҳ монда шавад. Дар оянда ҷойгиршавиро аз нигоҳи тамаркузи ҳаҷми истеҳсоли хучи парваридашуда баррасӣ кардан мумкин аст. Аммо, ҳатто ҷои ҷойгиршавӣ аз нигоҳи инфраструктура интихоб мегардад.

<table>
<tr><td rowspan="2">Ҳангоми интихоби ҷойгиршавии истеҳсолоти коркардкунанда бинобар вазъияти таъмини барқ дар Тоҷикистон дастрасии доимӣ ба барқ, хеле муҳим аст. Ҳангоми муайян кардани ҷои ҷойгиршавии он манзили коргарон бояд ба назар гирифта шавад. Дар корхонаҳо бояд дастрасӣ ба об, канализатсия барои шӯстани маҳсулот ва талаботи гигиенӣ – санитарии коргарон таъмин карда шавад.</td><td></td></tr>
<tr><td>Расми 2. Нектари хучи тайёр барои фурӯш.</td></tr>
</table>

Thank you for trying PDF Suite

Барои истеҳсолот бинои худӣ ва иҷораро истифода кардан мумкин аст. Сохтмони коргоҳҳо дар асоси хати камиқтидор тӯлонӣ набуда, мӯҳлати босуръати баргаштани воситаҳои гузошташударо таъмин мекунад. Коргоҳ дар корпуси андозааш 12,0х30,0 бо баландии бино то андозаи 4,8 м ҷойгир карда мешавад.

Хонаҳои мазкурро чунин таҷҳизонидан лозим мегардад:

1. анбори ашёи хоми воридшаванда (барои меваи хуч, қанд, зарфҳо ва дигар ТМЦ алоҳида);
2. анбори маҳсулоти тайёр;
3. бинои истеҳсолӣ барои татбиқи истехсолот;
4. бино барои лаборатория;
5. коргоҳи идорӣ;
6. биноҳои маишӣ (ҷои либоскашӣ, ҳоҷатхона, душхона, хонаи гигиенӣ - беҳдоштӣ);
7. постгоҳ.

Ҳамаи ин масъалаҳоро бояд ҳангоми тармими бино бояд ба назар гирифт.

Барои истеҳсолот бинои ба талаботи санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯ, бо оби ошомиданӣ таъмин, дорои канализатсия зарур аст, ки он бояд тармим карда шавад. Дар бино бояд барои хати коркард ҷойи кифоя бошад, инчунин бояд барои бастбандону навъгирон низ ҷой мавҷуд бошад.

**Шароити санитарӣ-гигиении истеҳсолот ва нигоҳдорӣ.**

Шароити санитарӣ-гигиенӣ бояд ба меъёрҳои истеҳсолоти ғизо мувофиқ бошад. Тозагии бино, хати истеҳсолот, хати коркард ҳармоҳа ва аз санҷиши тиббӣ кормандон ҳар 6 моҳ мегузаранд. Биноҳои дар беруни аз истеҳсолот мавҷуд буда тармими асосӣ металабанд.

**Ашёи хом, маводи бастабандӣ.**

Барои истехсоли маҳсулоти босифат зарур аст, ки ба ашёи хоми воридшаванда аҳамият дода шавад. Ҳамчунин бояд бо аҳолӣ ва нуқтаҳои тайёркунӣ оид ба мавсими хуччинӣ гуфтушунид бояд анҷом дода шавад. Бояд зарфу халтаҳои гардон дастрас шавад. Меваи хуч мувофиқи ГОСТ 1994-93 ба халтаҳои массаи на бештар аз 25 кг ҷойгир карда шавад. Халтаҳо маводи гардишӣ ва бастабандӣ мебошанд.
Ба ғайр аз ин, сарчашмаи ашёи хом метавонад бозорҳои яклухти Исфара ва ё Истаравшан бошанд. Танҳо ба бозорҳои Истаравшан меваи хуч аз шаҳри Душанбе (ҷануби Тоҷикистон), навоҳии Ашт, Шаҳристон, Ғончӣ ворид мегарданд. Ба ғайр аз ин миқдори зиёди меваи хуч аз Қирғизистон, Ӯзбекистон ворид карда мешавад. Ба замми ин савдогарони ин бозорҳои яклухтфурӯшӣ таъкид кардаанд, ки трендҳо дар фурӯш тағйир ёфтаанд. Агар пеш харидорони асосии хуч содиркунандагон бошанд, ҳоло бештар самтгирӣ ҷониби коркардкунандагони маҳаллӣ мебошад.



Thank you for trying PDF Suite

Масалан, танҳо дар ҶММ «Элита – Истаравшан», ки аз соли 2002 ин ҷониб нӯшоба истеҳсол мекунад, ҳоло қариб 3 тонна меваи хучро дар як сол ҷамъоварӣ карда, дар ояндаи наздик коркарди ашёи хомро то сатҳи 10 тонна мерасонанд.

**Кормандон.**

Ташкили раванди мазкур ташкили нуқтаҳои тайёркуниро дар чанд ноҳия, таълим додани кормандон бо методҳои қабул ва муқаррар кардани сифати ашёи қабулшаванда зарур аст. Ҳамин тавр бояд таълими методҳои нигоҳдории босифат, инчунин хушккунии пурраи ашёи хом барои пешгирии пайдоиши мағорбандӣ ва аз даст рафтани сифат ташкил карда шаванд. Нуқтаҳои тайёркунӣ хонаҳои кормандон мешавад, ки иловапардохти то 30 долларро мехоҳад. Пардохт ба ин кормандони нуқтаҳои тайёркунӣ корбайъ анҷом дода шудааст, бинобар миқдору сифати ашёи хоми пешкашшаванда. Ба нуқтаҳои мазкури тайёркунии маҳсулот барои тайёркунии хуч ба аҳолӣ пешпардохт дода мешавад.

Гирдоварандагони меваи хуч аз ҷумлаи аҳолии маҳаллии бекор ҷалб карда шуда асосан аз ҳисоби занон ва ҷавонон мебошад, ки хучро чида ба нуқтаҳои ташкилшудаи қабули ашёи хом бурда месупоранд. Маълумот оид ба нуқтаҳои мазкур, ҷойгиршавӣ, нақшаи кор, нархгузории он аз тариқи низоми маҳаллии огоҳонӣ, аз ҷумла клуб, чойхона, инчунин аз тариқи ҷамоат ва кумитаҳои маҳаллӣ паҳн карда мешавад.

Барои истеҳсолот қабули кормандоне, ки миқдорашон вобаста аз ҳаҷми истеҳсолот мебошад, талаб карда мешавад. Дар поён ҷадвали бастии намунавӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 5. Намунаи ҷадвали бастӣ

| Номгӯи вазифа | Миқдори он ҳангоми пурра ба кор андохтани корхона | Музди меҳнат бо сомонӣ | ФОТ дар як моҳ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Директор | 1 | 1000 | 1000 |
| Таъминот ва маркетинг | 1 | 875 | 875 |
| Сармуҳосиб | 1 | 500 | 500 |
| Технолог/лаборант | 1 | 500 | 500 |
| Инженер/механик | 1 | 500 | 280 |
| барқчӣ | 1 | 220 | 220 |
| ронанда | 1 | 200 | 200 |
| Техничка | 1 | 120 | 120 |
| муҳофиза | 1 | 300 | 300 |
| ***Ҷамъ кормандони доимӣ*** | ***9*** | | ***3995*** |
| Коргарони коргоҳ | аз 3 то 12 | 300 | |
| боркашон | аз 1 то 3 | 300 | |
| ***Ҷамъ кормандони мавсимӣ*** | ***15*** | | ***3900*** |



Thank you for trying PDF Suite

| | | | |
|---|---|---|---|
| **ҳамагӣ** | **24** | | **7895** |
| ҳисоббарории ФСЗН - 25% | | | **1973,75** |
| Ҷамъ хароҷот ба музди меҳнат | | | **9868,75** |

Ба хароҷот барои нигоҳдории қувваи корӣ музди меҳнат ва ҳисоббарориҳо ба онро дар назар дорад.

Қувваи корӣ тамоми сол мавҷуд аст. Ҳавасмандкунии он нисбат ба меҳнат иборат аз музди меҳнат, ҷойи кори мувофиқу устувор мукофотҳо мебошад. Хароҷотҳои иловагии корхонагӣ иборат аз хароҷот барои ба анборхона ҷойгиркунонии маҳсулот, муҳофизати он ва сигнализатсияи корхона мебошад.

Интиқоли маҳсулот:

- ашёи хом: бо мақсади интиқоли ашёи хом истифода аз нақлиёти ашёи хом.
- кормандон: дар ҳоле, ки агар кормандон аз ҷойи кор дур зиндагӣ кунанд, бояд интиқоли кормандон бо нақлиёти худӣ ё иҷоравӣ ташкил карда шавад. Ё ин ки маблағи мазкур бояд ҷуброн карда шавад.
- кормандон: дар ҳолате, ки агар кормандон аз ҷойи кор дур зиндагӣ кунанд, бояд интиқоли кормандон то ҷойи кор ва аз ҷойи кор бо нақлиёти худӣ ё иҷора ташкил карда шавад.
- маҳсулоти тайёр: то Федератсияи Россия маҳсулот бо вагонҳои муассисаи роҳи оҳан ва ё дар контейнерҳои роҳи оҳан интиқол дода мешаванд. То маҳали роҳи оҳан ва баъди он маҳсулот аз тариқи нақлиёти автомобилӣ (КАМАЗҳо) интиқол дода мешавад. Ашёи хом бо нақлиёти худӣ интиқол дода мешавад, ки он барои фурӯш дар бозори дохилӣ мавҷуд мебошад.

**6. Таҳлили молиявӣ.**

Фаъолияти пеш аз оғози кор то аввали истеҳсолоти бастабандӣ ва ҳам нӯшоба хароҷоти мазкурро металабад:

| № | Номгӯи хароҷот | нарх, бо долл. | эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Иҷораи ҷои кори асосӣ дар вақти васлкунӣ ва тармим | 1,000 | эзоҳи 1, дар поён |
| 2 | Харидории таҷҳизот (хароҷоти камтарин) | 13700 | Барои ташкили коргоҳи тайёркунӣ ва коркарди аввалияи хуч. |
| | харидории контейнер ба сифати | 1,000 | |

Thank you for trying PDF Suite

| | | | |
|---|---|---|---|
| | анбор | | |
| | Музди меҳнати кормандон (давраи қабул, омӯзиш, ба баҳрабардорӣ баромадан). | 500 | Таркиби нопурра – 1 моҳ |
| | Ҳамагӣ хароҷоти пеш аз амалиётӣ | 16200 | |

- эзоҳи 1: бино метавонад дар соҳибият бошад, барои хариду тайёркунии он бештар аз 50,000 доллар тақозо мегардад.
- Рӯйхати таҷҳизоти камтарин барои тайёр ва навъбандии хуч дар боло оварда шудааст.
- Барои харидории таҳизоти комплексӣ ва барои истеҳсоли витамини С, истеҳсоли равған, инчунин ба зарфҳои чакана рехтани он инвестицияҳо барои таҷҳизот маблағи бештар аз 300,000 доллари ИМА-ро талаб мекунад.

Яъне, маблаги зарурӣ барои ба кор андохтани бизнес 16200 долларро ташкил карда, маблағи сармояи гардон 50,000 долларро барои харидани ҳаҷми контейнерии хуч барои содирот ташкил медиҳад. Маблағи умумии камтарини барои оғози бизнес мавриди зарурат 61,200 доллари ИМА - ро ташкил мекунад.

Сохтмони коргоҳи хурди коркардкунанда метавонад баргардонии маблағро дар 2 соли охир таъмин намояд. Сабаби ин иборат аз автоматизацияи пасти он, ҳаҷмиҳои нисбатан баланди гардиш буда метавонад. Барои ин бояд суръати тайёркуниро аз як тараф ва маркетинги хуб аз тарафи дигар таъмин карда шавад.

Минбаъд ҳангоми ташкили низоми тамаркузкунонии ашёи хом метавон оид ба инвеститсия ба коркарди комплексии он андеша намуд. Аммо баррасии истеҳсолоти витамини С ва ё равғани хуч барои ҳаҷмҳои додашудаи инвестицияҳо то 100,000 доллари ИМА барои барномаи мазкур ҷолиб нест, бинобар он, ки таҳияи истеҳсолоти муосир оид ба коркарди хуч инвестицияи бештар аз 300,000 доллари ИМА-ро талаб менамояд.

## 7. Хавфҳои амалиётӣ ва қунунгузорӣ.

Истеҳсолот, ҳамчун дигар фаъолияти соҳибкорӣ вобаста бо хавфҳое мебошад, ки онҳо низ бояд идора карда шаванд. Дар поён мо хавфҳо ва амали хавфҳоро ифода менамоем:

| **Номгӯи хавфҳо** | **Роҳҳои паст кардани онҳо** |
|---|---|
| Гум шудани бор (ғайри имкон | Суғуртаи бор, кор бо фирмаи озмудашудаи логистикӣ, интиқол додани ҷавобгарӣ барои |

Thank you for trying PDF Suite

| | |
|---|---|
| будани ёфтани гунаҳкор) бинобар убур кардан аз сарҳадҳо | бор ба харидорон |
| Ашёи бесифат | Бастани шартномаи расонидани ашёи хом бо хоҷагиҳои деҳқонӣ. Назорати сифати маҳсулот дар давраи дохилшавии он. |
| Ашёи хоми бесифат | Таҷҳизонидани лаборатория, риояи технология, қабул кардани технолог, ашёи босифат, риояи меъёрҳои истеҳсолот, татбиқи низоми ХАССП |
| Набудани харидорон | Таҳлили маркетингӣ. Бастани шартнома барои воридкунӣ. Стратегияи маркетингӣ. |
| Қатъ кардани нерӯи барқ | Муҳим он аст, ки бинои коргоҳ дар дастрасӣ бо нерӯи барқ қарор дошта бошад. Инчунин зарур аст, ки барои татбиқи истеҳсолот харидории генератори электрикӣ лозим мешавад, то ки ҳангоми нерӯи баркро қатъ кардан ба кор бурда шавад. |
| | |
| Манъи дастрасӣ ба фурӯш, конфискатсияи бор аз тарафи мақомоти | Бақайдгирии маҳсулот дар Стандарти давлатӣ, имконият дорад, ки риоя ва бақайдгирӣ дар СЭС, карантини давлатӣ, татбиқи ISO 22000 |

Thank you for trying PDF Suite

| | |
|---|---|
| давлатӣ | |

Хавфи қонунгузорӣ мавҷуд нест.

Хулоса оид ба асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ

Бо тадқиқоти мазкур таҳлили имкониятҳои татбиқи барнома оид ба истеҳсоли меваи хуч дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони Бизнеси хурду миёна аз тариқи асосноккунии техникӣ-иқтисодии барнома сурат гирифтааст.

Дархосткунандаи таҳлили мазкур созмони Hilfswerk Austria International дар ҳамкорӣ бо Ассосиатсияи илмӣ-Техникии зиёиён лоиҳаи «Дастгирии коркарди маҳсулот аз тарафи Корхонаҳои хурду миёнаи Тоҷикистон» мебошад, ки аз ҳисоби маблағҳои Иттиҳои Аврупо татбиқ гардидаю аз рӯи барномаи “Central Asia – Invest” татбиқ менамоянд.

Хуч – растании парваридашуда ва ё худрӯй бо гулҳои оддӣ ё пар - пар мебошад. Хуч ба оилаи садбарггулҳо дохил шуда буттаи бисёрсолаи баландиаш аз 0,5 то 7 метр мебошад. Он аз 3-солагӣ мева мекунад. Дар баҳор ва ё аввали тобистон гул мекунад. Меваи хуч шакли саққошакл, шишамонанд ва ё нокмонанди суфта дошта, ранги сурхи баланд, норинҷии сурх дорад. Меваи он миқдори зиёди тухмиро дорад. Ранги меваҳои пухтаи он-зарди сурхтоб ва ё сурхи сиёхтоб мебошад. Деворахҳои дарунии гулкоса дорои мӯякҳои зиёди сахт мебошанд. Меваи он дар моҳҳои август – октябр пухта мерасад.

Дар илм бештар аз 400 навъи хуч, маълум аст, ки дар вилоёти мӯътадил ва субтропикии нимкурраи шимолӣ аз Баҳри Миёназамин то Ҳимолой паҳн шудааст. Дар Тоҷикистон 18 навъи хуч мавҷуд аст. Хучи худрӯй дар нишебиҳои кӯҳ, харсангҳо, ғорҳо ба шакли анбӯҳ мерӯяд. Ҳамагӣ ҳар сол хоҷагии ҷангали Тоҷикистон то 100 тонна хуч, илова ба ин як миқори онро аҳолӣ тайёр мекунад. Ҳосилнокии анбӯҳи худрӯи он аз 0,1 то 1,6 т/га буда, аз факторҳои гуногун вобаста мебошанд, ки асосии он вобастаги ба хусусиятҳои маҳал, иқлими сол ва синну соли анбӯҳ ба шумор меравад. Ба ҳисоби миёна як растанӣ то 4 кг меваи хушк дода метавонад.

Меваи хуч, ки дар Тоҷикистон хеле маъмул аст (хучи сагак), витамини С (0,1— 0,2% бо вазни хушк) дорад. Хучи сагак ҳоло аз тарафи фермерон дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон парвариш шуда, аммо бештар аз ҳама дар вилояти Суғд ба мушоҳида мерасад ( хусусан дар ноҳияҳои Ашту Исфара). Онро дар атрофи майдонҳо, боғҳо мекоранд. Аммо ба миқдори зиёд он дар шакли худрӯй дар кӯҳсор дида мешавад.

Меваи хучи Точикистонро шартан ба навъи ҷанубии камвитамин мансуб медонанд, зеро миқдори ками туршии аскорбин дорад, аммо ин ҳолат онро камаҳамият намекунад. Ғилзати витамини С ҳангоми пухтани меваи он, инчунин дар вақти нигоҳдорӣ дигар мешавад. Миқори миёнаи туршии аскорбин дар меваҳои хушки хучи ба коргоҳҳои витаминӣ воридшаванда 1200—1500 мг % буда, дар ибтидо меваро асосан аз рӯи ғилзати туршии аскорбини он арзёбӣ мекардаанд. Аммо тадқиқоти минбаъда нишон додааст, ки дар меваи хуч дигар витаминҳо низ ҳаст. Ҳамин тавр таркиби каротиноидҳои меваҳо омӯхта шуд. Дар

Thank you for trying PDF Suite

натиҷаи таҳлил дар меваи хучи таркиби маводи флавоноидӣ (витаминҳои гурӯҳи P) ошкор шудаанд: кверцетин, кемпферол, изокверцитрин. Аз моддаҳои антоцианӣ цианидин ошкор шудааст. Инчунин меваи он аз витаминҳои $B_2$, K, P, E, равғани чарбӣ, қанд, моддаҳои пектинӣ, туршиҳои органикӣ бой мебошад. Хуч дар соҳаи тибб васеъ истифода мешавад. Аз меваи хучи маӣ усора, қиём, ҳаб, таблетка, драже ва дигар маҳсулоти тиббӣ тайёр мекунанд. Меваи хуч ба таркиби давои зиддиастмаӣ- микстураи Трасков таркибҳои витаминӣ ва поливитаминӣ дохил мешаванд; бештар онро ба шакли обмаҳлул барои табобати хонагӣ истифода мебаранд. Ба ғайр аз он аз меваи хуч равғани хуч ва каротолин истеҳсол мекунанд. Камтар меваи хучро барои истеҳсоли холосас, галаскорбин ва туршии аскорбин ба кор мебаранд. Меваи хучро чунин истифода мебаранд:

1. ба шакли тару тоза ҳамчун чой ва ё нӯшоба ва ё шарбат;
2. меваи хушки хучи сагак барои истеҳсоли доруи «Холосас»;
3. ба шакли обмаҳлул, усора ва қиём;
4. хуч ба таркиби маҳлулҳои витаминӣ ва поливитаминӣ ва микстураҳои Трасков дохил мешавад;
5. ҳамчун воситаи поливитаминӣ ҳангоми гипо- ва авитаминоз, бемориҳои вобаста ба талаботи зиёди бадан ба витаминҳо истифода мегардад;
6. обмаҳлул, қиём, чой аз меваи хуч;
7. хучи сагак пайванди хубест барои растаниҳои боғӣ ва сохтани деворҳои зинда;
8. тайёркунии равғани хуч;
9. тайёркунии хокаи меваи хуч;
10. дар саноати қаннодӣ барои тавлиди ранги зебои норинҷӣ истифода мешавад.

Таҳлили маркетингӣ - бозоршиносӣ нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолу коркарди меваи хуч дар ҳолати оғозёбӣ қарор дорад. Пеш аз ҳама, сабаб он аст, ки оғози коркарди он, парвариш, гармхонаи ниҳолҳо нав оғоз шуда истодааст. Дар шароити Тоҷикистон чидани он, шӯстани он, калибровка ва бастабандии хучро барои содирот, коркарди комилро бинобар мавҷуд будани инвеститсияи калон ташкил кардан мумкин аст. Ҳоло хучро содир кунанд ҳам, ҳаҷми онро метавон хеле зиёд афзоиш дод.

Нархсозӣ ба хуч вобаста аз факторҳои гуногун аст, аммо нархи он асосӣ аст. Нархи фурӯши он дар Точикистон дар нуқтаҳои тайёрӣ 5-7 сомонӣ, дар бозорҳои чакана ва яклухтфурӯшӣ то 8 сомонӣ мебошад. Ҳангоми харид аз чинандагон/тайёркунандагону фермерон ба нарх таъсири худро мерасонад. Асосан давраи харид баъди пухтану хушк кардани ҳосил дар моҳи октябр то охири сол фаро мерасад. Меваи хушки он то 2 сол дар шароити мусоид нигоҳ дошта мешавад.

Таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки чунин намуди бизнес дар 3 рӯз ба қайд гирифта мешавад. Бо вуҷуди он, ки шакли созмондиҳии он

Thank you for trying PDF Suite

ба афзалиятшумории маблағгузорон иртибот мегирад. Дар таҳлилу баррасии пешниҳоднамудаи мо намунамисоли сохтори ширкат оварда шудааст ва дар ҳолате ки ташаккулёбии он мебоист, ки дар ибтидо аз рӯи сохтори ширкати мазкур сурат мегирифт.

Таҳлили асосноккунии техникӣ нишон медиҳад, ки татбиқшавии лоиҳаи он танҳо аз рӯи тайёркунӣ ва коркарди маҳсулоти хуч имкон медиҳад, ки он ба роҳ монда шавад. Маҳсулоти намуди мазкур зарурати омодасозии марказҳои ҷамъоварии маҳсулотро дар якчанд навоҳии кӯҳӣ ба миён меоварад ва ҳамчунин сафарбаркунии гирдоварандагони маҳсулотро аз ҳисоби аҳолӣ дар назар дорад. Ба замми ин технологияи истифодаи комплексии маҳсулоти хучдор барои истеҳсолоти маводи дорувории витаминдор, бо шомили витамини С, равғани хуч нишон медиҳад, ки дар ҳудуди маблағгузории 100,000 доллари ИМА амалӣ намудани лоиҳаи мазкур аз имкон берун мебошад. Интихоби дурусти ҷойгиршавии бизнес мебояд, ки наздиктарин масофаро ба ашёи хом, дар мавриди мазкур ба тайёркунии маводи хучдорро ба эътибор гирад. Аз сабаби он, ки дар замони муосир истеҳсолоти хучи парваришшаванда нисбат ба ҳаҷми гирдоварии растании худрӯи он хеле паст мебошад, ки ин намуди истеҳсолотро метавон дар қисматҳои шарқии вилояти Хатлон ба роҳ монд. Дар оянда макони ҷойгиршавии он аз рӯи нукта назари тамаркузи ҳаҷмҳои истеҳсолоти хучи парваришшаванда мебояд баррасӣ карда шавад. Бобати истеҳсолоти босифати маҳсулот зарур аст, ки таваҷҷӯҳи бештар ба маҳсулоти ашёи хоми воридшаванда нигаронида шавад. Ҳамчунин зарур аст, ки чорабиниҳоро бо аҳолӣ ва марказҳои маҳсулоттайёркунӣ дар давраи гирдоварии маводи хуч ба роҳ монда шавад. Қувваи коргарӣ дар давоми сол мавҷуд мебошад. Ҳавасмандсозии онҳо ба меҳнат ин музди маоши қобили қабул, ҷойи кории қулай, мукофотпулӣ, устувории фаъолият дарбар мегирад. Ба хароҷоти иловагии корхона ин масрафоти ҷобаҷогузории мавод дар анборхона, муҳофизати он ва сигнализатсияи бино дохил мешавад.

Таҳлили молиявии имкониятҳои татбиқи лоиҳаи тайёркуни, тозакунӣ, калибргирӣ ва навъгирии меваи хушки хуч нишон дод, ки маблағи воситаҳои барои ба роҳ мондани бизнес 16200 доллари ИМА, маблағи сармояи гардон барои хариди ҳаҷми контейнерии хучи содиротиро ташкил мекунад. Маблағи умумии камтарини барои оғози бизнес зарурӣ 61,200 долларри ИМА - ро ташкил менамояд.

Сохтмони коргоҳҳои хурди коркардкунандаи маҳсулот танҳо дар муддати 2 сол метавонад, ки маблағҳоро баргардонад. Ба ҳамаи ин, сабаб автоматиконии суст ва ҳаҷми нисбатан зиёди маҳсулоти гардон мебошад. Барои ин, суръати хуби ҷамъоварӣ аз як тараф ва маркетинги хуб аз дигар тараф зарур мегардад.

Минбаъд ҳангоми дуруст кардани низоми аккумулятсионии ашёи хом оид ба инвестицияҳо ба коркарди комплексии он низ аҳамият дода шавад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки лоиҳаи коркарди хуч ҳоло зинаи миёнаи хавфҳои амалиётиро дорад, ки таъсирашон аз тарафи менеджменти

Thank you for trying PDF Suite

ширкат метавонад кам карда шавад. Сабаби асосии кафолат надоштани воридоти ҳами ашёи хом бинобар таъсири ҳашароти зараррасон ва ё шароити номусоиди иқлим аст. Хавфи қонунгузорӣ мавҷуд нест.

Ба ҳамин тариқ, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки бизнеси коркард ва басатабандии меваи хуч барои намояндагони ширкатҳои калоне, ки аз дасташон ташкили шабакаи нуқтаҳои маҳсулот тайёркунӣ меояд, дар шароити Тоҷикистон имконоти татбиқшавӣ дорад. Ҷалб намудани дигар шарикон ба бизнеси мазкур аз нигоҳи таъмини ашёи хом самаранок намебошад.

Thank you for trying PDF Suite